*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 66 - 67 (4649 - 4650) | ҶУМЪА, 19 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН



(Идома аз шумораи гузашта)

**Нимаи дуюми рӯзи 17-уми майи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади идомаи сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва иштирок дар Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» ба шаҳри Сиан ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Сиан Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми кишвари мизбон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба ифтихори меҳмони олиқадр Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ду канори роҳрави қолинии сурх қаровули фахрӣ саф ороста, барномаи рангини фарҳангӣ намоиш дода шуд.

**18 - уми майи соли 2023 сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин идома ёфт.**

Меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Баррасии масоили ҳамкории ҳар ду кишвар дар мулоқоти хосаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин оғоз гардида, дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии Тоҷикистону Чин идома ёфт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ ва ширкат дар нишасти якуми сарони давлатҳо дар ҳамоиши сатҳи баланди «Чин - Осиёи Марказӣ» изҳори сипос намуданд.

Таъкид гардид, ки равобити ҳар ду кишвар босуръат рушд карда, намунаи равшани ҳамсоягии нек ва дӯстии самимӣ ба хотири сулҳу субот дар минтақа мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дастгирии Ҳукумати Чин ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, аз қабили тарҳҳои стратегӣ дар бахшҳои нақлиёт, энергетика ва саноат, қаноатмандӣ карданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ дар бахшҳоиояндадори иқтисоди сабз ва рақамӣ, инфрасохтор, электроэнергетика, сохтмону азнавсозии неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон ва бунёди хатҳои интиқоли барқро баррасӣ намуда, ҷалби технологияи муосир ва истифодаи таҷрибаи Чин дар рушди саноати миллӣ, кишоварзӣ, инфрасохтор, таъсиси ширкатҳои муштарак дар ин самт, иштироки корхонаҳои чинӣ дар ташкили паркҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дар Тоҷикистон зарур шуморида шуд.

Вобаста ба ин, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар масъалаи таҷдиди Ширкати алюминийи тоҷик «Талко» чораҳои муштараки заруриро андешида, бо мақсади татбиқи лоиҳаи роҳандозии истеҳсол ва таркиби электромобилҳо дар Тоҷикистон иқдомҳои лозимаро амалӣ намоянд.

Таъкид шуд, ки ҷорӣ намудани технологияи муосири чинӣ доир ба парвариш ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус пахта, сабзавот ва мева, ба манфиати ҳар ду ҷониб аст.

Ҷониби Тоҷикистон аз пешниҳоди таъсиси долони иқтисодии Чин - Тоҷикистон - Афғонистони Шимолӣ ҷонибдорӣ карда, зарур мешуморад, ки лоиҳаи сохтмони қитъаи роҳи Варшез дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то гузаргоҳи Қулма - Қарасу ва таҷдиди гузаргоҳи Қулма - Қарасу таҳия ва татбиқ шавад. Ин иқдом аз ҷониби роҳбари Чин мусбат арзёбӣ гардид.

Зимни мулоқот масъалаҳои барқарор кардани хатсайри ҳавоии Душанбе-Пекин, робитаҳо дар самти пешрафти инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон, истифодаи иқтидорҳо ҷиҳати рушди ҳамкории гуманитарӣ, аз ҷумла илму маориф ва афзоиши шумораи бурсияҳои таҳсилотии Чин барои Тоҷикистон, баррасӣ гардида, ҷонибҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ дар ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, пурзӯр кардани талошҳоро ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, зарур шумурданд.



Бинобар вазъияти ноором дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон ва зарурати таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи таъмини амният ва субот ҷонибҳо густариши ҳар чӣ зичтари сохторҳои марбутаи тарафайнро дар ҳалли ин масъалаҳо таъкид намуданд.

Дар рафти мулоқот аснои баррасии масоили глобалӣ ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти обу иқлим таъкид гардид.

Дар анҷоми музокироти сатҳи баланди байнидавлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон мусоид ба Тоҷикистон ташриф оваранд.

Даъват бо хушнудӣ қабул гардида, таърихи сафар бо роҳҳои дипломатӣ мувофиқа хоҳад гардид.

**18 - уми майи соли 2023 баъд аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Чин аз рӯи натиҷаҳои он дар ҳузур ва бо иштироки сарони давлатҳо санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин ба Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин имзо гузоштанд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо 13 санади нав имзо шуд:

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ;
- Протокол байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба қабули таҷҳизоти экспертизаи судию тиббии муайян намудани ДНК;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бюрои иттилоотии Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Созишнома дар бораи расонидани кумаки бебозгашт байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Мардумии Чин;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ оид ба тавсеаи амиқи иқтисодию тиҷоратӣ байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати савдои Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҷустуҷӯ ва наҷоти ҳавопаймоҳои гражданӣ;
- Протоколи тасдиқи рӯйхати лоиҳаҳои муштараки илмию техникӣ ҷиҳати маблағгузорӣ барои солҳои 2022 - 2023 байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Вазорати илм ва технологияи Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Нақшаи чорабинӣ роҷеъ ба амалигардонии Созишнома оид ба истиқрори бародаршаҳрӣ байни вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Шэнсии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2023-2025;
- Созишнома дар бораи истиқрори муносибатҳои бародаршаҳрӣ байни ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Вейнани вилояти Шенсии Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Ёддошти тафоҳум дар бораи истиқрори муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни шаҳри Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Чэндуи Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Созишнома дар бораи муқаррар намудани муносибатҳои табодули дӯстона байни шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Ланҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Протокол байни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи гумруки Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба талаботи фитосанитарӣ ҳангоми содироти ангури тару тоза аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин.

Зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин тарафҳо 11 санади ҳамкориро дар соҳаҳои кишоварзӣ, илму технология, воситаҳои ахбори омма, молия, техникӣ ба имзо расониданд:

(Давомаш дар саҳ. 2, 4)

# МУЛОҚОТИ АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО БО ИШТИРОКЧИЁНИ ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АП СААД



**18 - уми майи соли 2023 пеш аз оғози ҷаласаи сайёри Шӯрои Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Минск Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва ҳамтоёни ӯро Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ба ҳузур пазируфт.**

- Ҳодисаи нодир аст, ки бо ҳамкасбони собиқам - вакилони парламент мулоқот менамоям. Ҷумҳурии Беларус ба ҷанбаи парламентӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти муваффақи СААД, такмил ва рушди минбаъдаи он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Вазифаи асосӣ ба ҳамдигар наздик намудани қонунгузории миллӣ мебошад. Дар ин ҷо аз болои Ассамблеяи парламентии СААД шикояте нест. Шумо ба парламентҳои миллӣ бисёр қонунҳои намунавиро пешниҳод кардаед, ки баъзеи онҳо дар Беларус ва дигар мамлакатҳо бо мамнуният истифода мешаванд, - гуфт зимни мулоқот Президенти Беларус Александр Лукашенко.

Таъкид гардид, ки Ассамблеяи парламентии СААД бояд беш аз пеш фаъол бошад. Вакилони парламент тавассути иштирок дар раванди рушд ва таҳкими иқтидори СААД метавонанд нақши ин созмонро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ баландтар бардоранд.

- Пешрафти қавӣ дар ин самт, риояи қатъии принсипи тақсимнашавандагии амният шарти муҳими муколамаи сулҳомез, муқовимат ба фишор ва таҳримҳои беруна хоҳад буд, - гуфт Президенти Беларус Александр Лукашенко.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАНОАТМАНДӢ АЗ САТҲУ СИФАТИ НАВИ ҲАМКОРИҲО



**17 - уми майи соли 2023 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло Комиссари олии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба ақаллиятҳои миллӣ Қайрат Абдураҳмоновро ба ҳузур пазируфт.**

Ҷонибҳо ҳамкориҳои тарафайнро дар доираи ченаки инсонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) баррасӣ намуданд. Зикр гардид, ки солҳои охир ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ва ниҳодҳои он, ба сатҳи сифатан нав баромад.

Тоҷикистон ҳамкориҳои минбаъдаро бо Дафтари Комиссари олии САҲА идома дода, ҷонибдори рушди босуръати ҳамкориҳо оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ мебошад.

Қайрат Абдураҳмонов ба сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳамоҳангӣ ва таҳаммулпазирии байни миллатҳо, рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ, густариши робитаҳои фарҳангию маърифатӣ бо кишварҳои хориҷӣ баҳои баланд дод. Номбурда эътироф намуд, ки дар Тоҷикистон барои таҳсил, зуҳури қобилият ва тавоноии эҷодии намояндагони ҳама миллату халқиятҳо шароити зарурӣ фароҳам буда, таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа таъмин аст.

Дар рафти вохӯрӣ оид ба масъалаҳои дигари мавриди таваҷҷуҳ низ гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

**www.parlament.tj**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## ДАР ДОИРАИ САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН



**17 - уми майи соли 2023 дар шаҳри Пекин дар доираи сафари давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ Ҷин Лисун мулоқот карданд.**

Дар вохӯрӣ рушди ҳамкории Тоҷикистон бо ин ташкилоти байналмилалии молиявӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохториро шарики боэътимоди Тоҷикистон номида, изҳори итминон карданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба раванди густариш ва тавсеаи ҳамкориҳои мо такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид.

Ҷонибҳо оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар самти маблағгузории минбаъдаи рушди «инфрасохтори сабз» дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва шаҳрдорӣ табодули андеша карданд.

Таҳкими робитаҳо, ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя ба лоиҳаҳои афзалиятнок барои рушди соҳаҳои инфрасохтор, саноат, бахши хусусӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ ва дастгирии соҳибкорӣ зарур шуморида шуд. Аз ҷумла, ҳангоми мулоқот Президенти Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ Ҷин Лисун оид ба ҷудо намудани 500 миллион доллари ИМА маблағҳои имтиёзнок барои татбиқи лоиҳаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» изҳор намуд.

Инчунин, ҷонибҳо маблағгузории лоиҳаҳои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзию канданиҳои фоиданокро аз бахшҳои дигари ҳамкорӣ номида, таъкид намуданд, ки дар Тоҷикистон барои амалисозии онҳо тамоми имкону захираҳо мавҷуд аст.

Дар мулоқот, ҳамчунин, оид ба вазъи глобалии тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, таъсири ин омилҳо ба иқтисоди кишварҳо ва ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба обу иқлим ва ҳифзи пиряххо гуфтугӯи судманд сурат гирифт.



**18 - уми майи соли равон дар шаҳри Сиан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ҳамоиши сатҳи баланди Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд.**

Дар вохӯрии самимӣ маҷмӯи васеи масоили дӯстӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имкони дидору мулоқот қаноатмандӣ карда, натиҷаҳои онро барои таҳкими робитаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон неку назаррас арзёбӣ намуданд.

Ҷонибҳо дар мулоқот ҳолат ва дурнамои робитаҳои ҳар ду кишварро дар сатҳу соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» баррасӣ карданд.

**18 - уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Сиан дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои директорони Ширкати маъдани литийи «Чжитсун Литий» Нан Ҷинсиро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот ба роҳ мондани ҳамкории Тоҷикистону Ширкати маъдани литийи Ҷумҳурии Мардумии Чин баррасӣ гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ, бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ тадбирҳои мушаххас андешида, ба доираҳои соҳибкорон имтиёзҳои гуногунро пешкаш мегардонад.

Дар рафти мулоқот иттилоъ дода шуд, ки Ширкати маъдани литийи «Чжитсунг Литий» (Zhicun Lithium Co.Ltd) дорои пойгоҳҳои бисёри коркарди маъдан ва истеҳсоли намаки литий ҷаҳонӣ рақобатпазир ва содироти он захираву имкониятҳои васеъ мавҷуд аст.



Таъкид шуд, ки дар Тоҷикистон барои рушди ҳамкории пурсамар, аз қабили бунёди корхонаҳои муштарак, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди изофашуда ва дар бозори мебошад. Ширкат барои мусоидат ба ноил шудан ба пешрафт ва васеъ кардани самти фаъолият дар як қатор кишварҳои олам марказҳои истеҳсолӣ дорад.



**18 - уми майи соли равон дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Сиан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Шӯрои директорони Корпоратсияи маъдани «Зиҷинг» Чэн Ҷинхэ мулоқот карданд.**

Дар вохӯрӣ таҳким ва густариши фаъолияти истеҳсолии Корпоратсияи маъдани «Зиҷинг» (Zijin Mining Group Co.,Ltd») дар Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки Корпоратсияи маъдани «Зиҷинг» ширкати бузурги фаромиллии истихроҷи маъдан буда, фаъолияти асосии он иктишоф ва коркарди саноатии маъданҳои дорои тилло, мис ва дигар металлҳо мебошад.

Дар мулоқот фаъолгардонии кори ширкат дар Тоҷикистон ва таҳияи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар соҳаи саноати кӯҳӣ барои истихроҷу коркарди маъданҳо ва сарватҳои зеризаминӣ баррасӣ гардиданд.

Ҷонибҳо оид ба бунёди корхонаҳои муштарак бо ворид кардани технологияи муосири аз ҷиҳати экологӣ тоза, истеҳсоли маҳсулоти хушсифату ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави кор табодули андеша карданд.

Роҳбарияти ширкати чинӣ барои таваҷҷуҳ ва дастгирии ҳамаҷониба ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипос намуданд.



**18 - уми майи соли равон дар шаҳри Сиан дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муовини Директори кулли «Ширкати BYD - Осиёи Марказӣ» Иван Тсаоро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ба роҳ мондани ҳамкории Тоҷикистону Ширкати BYD (Орзуи худро бисоз) баррасӣ гардид.

Ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкорӣ дар самти мошинсозӣ ва бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсоли таҷҳизоти электронӣ табодули андеша карданд.

Иттилоъ дода шуд, ки Ширкати BYD (Орзуи худро бисоз) яке аз корхонаҳои бузурги ҷаҳонии истеҳсолкунандаи электромобили BYD Auto ва истеҳсолкунандаи батарея ва электроника BYD Electronic мебошад.

Фаъолияти ширкат ба истеҳсоли мошинҳои барқӣ, автобусҳо, мошинҳои боркаш, таҷҳизоти роҳҳои барқӣ, қатораҳои монорелсӣ, истеҳсоли ҷузъҳои мошин, батареяҳо ва батареяҳои офтобӣ, ҷузъҳои телефонҳои мобилӣ ва дигар электроника, инчунин хизматрасонии васлкунии таҷҳизот равона гардидааст.

**www.president.tj**



# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**17- уми майи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим - Жомарт Токаев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Зимни суҳбат Сарвари давлати мо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистонро ба муносибати ҳафтодсолагиашон самимона табрик гуфта, ба ӯ тансиҳатӣ, саодат ва дар татбиқи нақшаҳои дарпешистода муваффақиятҳои минбаъда таманно намуданд.

Дар ин замина, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми бародари Қазоқистон сулҳ, шукуфоӣ ва пешрафти минбаъдаро орзу карданд.

Дар рафти суҳбат президентҳо масъалаҳои муҳими шарикии стратегии Тоҷикистон ва Қазоқистонро бо ишора ба муҳимияти татбиқи фаъолонаи тавофуқоти ҷонибҳо, ки зимни сафари бобарори давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қазоқистон аввали моҳи майи соли равон ба даст омада буданд, баррасӣ намуданд. Аҳамияти қабули эъломия дар бораи рушди минбаъдаи ҳамкории ҳар ду давлат дар қолаби муносибатҳои ҳампаймонӣ таъкид гардид.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла нахустин саммити дарпешистода дар сиғаи «Осиёи Марказӣ-Чин»-ро, ки 18-уми майи соли равон дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор шуд, мавриди баррасӣ қарор доданд.

**www.president.tj**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

**(Идома аз саҳ. 1)**

- Нақшаи ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ ва корҳои деҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2023-2025;
- Созишномаи қолабӣ оид ба ҳамкориҳои таълимӣ ва илмию техникӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи почта ва телекоммуникатсияи Чунтсии Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Ёддошти тафоҳум байни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи сиёсат ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи Ланҷоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Медиа-корпоратсияи Чин;
- Созишномаи қолабӣ байни КВД «Амонатбонк»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки рушди Чин;
- Созишнома байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи экология ва географияи Шинҷони Академияи илмҳои Чин дар бораи таъсиси Пажӯҳишгоҳи муштарак дар доираи иқдоми «як камарбанд, як роҳ» оид ба ҳифз ва истифодаи устувори захираҳои биологӣ;
- Созишнома оид ба ҳамкории илмӣ - техникӣ дар соҳаи геология байни Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Маркази корҳои геологӣ - иктишофии Сиани Хадамоти геологии Чин;
- Созишномаи иловагии №5 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкати «CNPC CENTRAL ASIA B.V» ва ширкати «TOTAL E&P TAJIKISTAN B.V» ба Созишнома оид ба тақсими маҳсулот байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «KULOB PETROLEUM LIMITED» ;
- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ «Ширкат оид ба захираҳои Тибет Эверест»;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази «Zhongguancun Smart City co., Ltd» ва Ширкати «Huawei Technologies Tajikistan» оид ба бунёди Маркази миллии коркарди маълумотҳо (Data Center) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи аксҳои моҳворавӣ байни Маркази инноватсия ва рушди илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Маркази назорати фосилавии замини Вазорати захираҳои табиии Ҷумҳурии Мардумии Чин.

Ҳамин тавр, дар чаҳорчӯбаи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар маҷмӯъ 25 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

**18 - уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Сиан бо намояндагони ширкатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ намояндагони беш аз 40 ширкати бонуфузи сармоягузорӣ ва тиҷоратии Чин иштирок карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки мулоқоти имрӯза ба рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни кишварҳо ва мардумонамон такони ҷиддӣ мебахшад.

Таъкид шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои соҳибистиқлолӣ ба рушди ҳамкориву шарикӣ дар самти пешбурди фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ тавассути муҳайё намудани шароити мусоид манфиатдор мебошад.

Дар Тоҷикистон барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди минбаъдаи соҳаҳои стратегӣ ва бахшҳои афзалиятнок, бахусус энергетика, нақлиёт, саноату кишоварзӣ, алоқа, молияву бонкдорӣ ва сайёҳӣ, пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз дар кишвар зиёда аз 170 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи беш аз 8 миллиард доллари америкоӣ амалӣ шуда истодааст.

Қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон барои сармоягузорон беш аз 240 номгӯи кафолату имтиёзҳо, аз ҷумла зиёда аз 100 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукиро, муқаррар намудааст.

Узвияти Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон низ гувоҳи мутобиқ будани қонунгузории мо ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Тоҷикистон дорои иқтисоди бисёрсоҳаи рушдёбанда буда, бо тамоми сохторҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкории пурсамарро ба роҳ мондааст ва бо 110 давлати дунё робитаҳои иқтисодӣ дорад.

Президенти мамлакат иброз доштанд, ки ҳамкории судманди Тоҷикистону Чин имконият доданд, ки соли гузашта гардиши мутақобилаи мол то 40 фоиз афзоиш ёбад.

Дар Тоҷикистон зиёда аз садҳо ширкат бо саҳми сармоягузорони чинӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият мекунад.

Дар маҷмӯъ, тайи 10 соли охир аз ҷониби сармоягузорони Чин ба иқтисодиёти Тоҷикистон 2,6 миллиард доллар сармоя ворид гардидааст, ки беш аз 57 фоизи онро сармояи мустақим ташкил медиҳад.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ширкатҳои чиниро ба самтҳои барои ҳар ду кишвар судовар ва ояндадор, аз ҷумла барои ҳамкории муштарак дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноат, рушди саноати истихроҷи маъдан, металлургия, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, нақлиёт ва таъсиси марказҳои логистикӣ, ҷалб карданд.

Таъкид шуд, ки ташаккули минтақаҳои саноатӣ ва таъсиси корхонаҳои металлургӣ, сементбарорӣ, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, коркарди нефт ва тавлиди маҳсулоти саноати кимиё метавонад аз самтҳои судманди ҳамкории ҷонибҳо бошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин оид ба истифодаи имкониятҳои мавҷуда дар бахши кишоварзӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ба истеҳсолу коркард ва содироти меваю сабзавот, андешаронӣ карданд.

Тоҷикистон ҷиҳати рушди ҳамкорӣ дар соҳаи афзалиятноки сайёҳӣ дар панҷ соли охир барои сармоягузорон ва ширкатҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ имтиёзу сабукиҳои ҷолиб пешниҳод намуд.

Дар охири суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз доираҳои соҳибкории Чин барои боздид аз Тоҷикистон даъват ба амал оварда, изҳор доштанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, то пешниҳодоти сармоягузорони чиниро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории муфид дар самтҳои афзалиятноки зикргардида бодиққат омӯзад ва дастгирӣ намояд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ИЗҲОРОТИ МУШТАРАКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

## 18 - уми майи соли 2023, Чин

1. Бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 18- ум то 19-уми майи соли 2023 ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари давлатӣ анҷом доданд.

Сарони ҳар ду давлат дар фазои самимӣ ва дӯстона мулоқот намуданд, ки зимни он табодули афкор роҷеъ ба доираи васеи ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат гирифта, инчунин табодули назар оид ба масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн сурат гирифт.



2. Тарафҳо ба натиҷаҳои самараноки ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, ки дар тӯли 31 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ миёни ҳар ду кишвар ба даст омадаанд, баҳои баланд дода, ба мувофиқа расиданд, ки изҳороти муштарак, эъломияҳои муштарак ва созишномаҳои миёни ҷонибҳо баимзорасида заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои рушди муносибатҳои дуҷониба фароҳам оварданд.

Ҷонибҳо минбаъд низ таъмиқи эътимоди сиёсӣ, густариши ҳамкориҳои амалӣ ва таҳкими дӯстии анъанавиро дар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобила ва ҳамҷаворӣи нек, ҳамбастагӣ, дастгирӣ ва нафъи мутақобила, инчунин такя ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо назардошти манфиатҳои ҳамдигар идома хоҳанд дод. Бар асоси сатҳи баланди ҳамкориҳо миёни ҳар ду кишвар ва азми тарафайн барои таъмиқи минбаъдаи онҳо тарафҳо барои татбиқи ташаббуси «Ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият» саъй хоҳанд кард.

3.Тарафҳо қайд карданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар марҳилаи муҳими рушди давлатӣ ва эҳёи миллӣ қарор доранд.

Тарафи Тоҷикистон бомуваффақият доир гардидани Анҷумани XX умумичинии Ҳизби коммунистии Чин ва дубора интихоб шудани Раис Си Ҷинпинро ба вазифаи Котиби генералии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин самимона табрик гуфта, ба дастовардҳои бузурги Чин дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даҳ соли охир баҳои баланд дод.

Ҷониби Тоҷикистон дастовардҳои таърихии Ҷумҳурии Мардумии Чинро дар ташаккули давлати муосири сотсиалистӣ ва дар ҷодаи эҳёи бузурги мардуми Чин баланд арзёбӣ намуда, итминони комил дорад, ки таҳти роҳбарии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Чин, бо нақши меҳварии ҷаноби Си Ҷинпин нақшаҳои рушди ояндаи кишвар, ки ба татбиқи навсозии сотсиалистии Чин то соли 2035 ва табдил додани он ба давлати сарватманд, тавоно, демократӣ, тамаддунӣ, созгор ва муосиршудаи сотсиалистӣ дар нимаи асри XXI нигаронида шудаанд, саривақтӣ буда, пурра амалӣ хоҳанд гардид.

Ҷониби Чин дастовардҳои назаррас дар амалисозии ислоҳоти мунтазам ташаккулёбандаи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, татбиқи «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, инчунин комёбиҳои барҷало дар рушди кишвар дар солҳои истиқлолият, татбиқи бомуваффақияти сиёсати сулҳҷӯёнаи «дарҳои боз»-ро, ки ба рушди муносибатҳои дӯстона дар асоси эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамаи давлатҳо нигаронида шудааст, баланд медиҳад. Ҷумҳурии Мардумии Чин сиёсати хориҷии возеҳ ва прагматикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъиян дастгирӣ ва эҳтиром мекунад.

4. Тарафҳо омодагиро барои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи мутақобилан судманд, таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва шарикӣ дар чаҳорчӯбаи ташаббуси «Ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият», ки ба эҳтироми мутақобила, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзӣ, устувории сарҳадот ва дахлнопазирӣ ба умури дохилӣ асос ёфтааст, изҳор доштанд.

Тарафҳо минбаъд низ аз рӯи масъалаҳои бунёдӣ, аз қабили соҳибихтиёрии давлатӣ, амният ва тамомияти арзии ҳар ду кишвар якдигарро мутақобилан дастгирӣ хоҳанд кард.

Ҷониби Тоҷикистон сиёсати «Як Чин»- ро қатъиян дастгирӣ намуда, бори дигар таъкид мекунад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ягона ҳукумати қонунӣ ва муаррификунандаи тамоми Чин буда, Тайван ҷузъи ҷудонашавандаи қаламрави Чин мебошад. Ҷониби Тоҷикистон ба фаъолияти ҷудоихоҳона барои «истиқлолияти Тайван» дар ҳама зуҳуроташ қатъиян муқобил буда, аз густариши ҳама гуна шаклҳои равобити расмӣ бо Тайван даст кашиданро иброз медорад, аз тамоми талошҳои Ҳукумати Чин барои муттаҳидсозии кишвар қотеъона пуштибонӣ мекунад.

Тарафҳо нисбати сиёсикунонӣ, воситакунонӣ ва меъёрҳои дугона дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон, инчунин дахолати ҳар кишваре ба умури дохилии дигар кишварҳо бо баҳонаи риояи ҳуқуқҳои инсон қатъиян муқобил мебароянд.

5.Тарафҳо ба созиш омаданд, ки сарони ҳар ду давлат дар пешбурди шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Тоҷикистону Чин нақши муҳими пешбарандаи стратегӣ мебозанд. Ҷонибҳо минбаъд низ суръати хуби табодул дар сатҳи олӣ ва тамосҳо дар тамоми сатҳҳо миёни ҳар ду кишварро нигоҳ дошта, сари вақт оид ба масъалаҳои асосии муносибатҳои Тоҷикистону Чин, масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор карда, пайваста робитаҳои стратегӣ ва эътимоди ҳамдигарии сиёсиро таҳким хоҳанд бахшид.

6.Тарафҳо иттифоқи назар доранд, ки равобити мақомоти қонунгузор ҷузъи муҳими муносибатҳои Тоҷикистону Чин буда, фаъол шудани робитаҳои байнипарлумонӣ дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба таъмиқи шарикии стратегӣ такони нав хоҳад бахшид ва эътимоду ҳамдигарфаҳмӣ байни давлатҳоро таҳким хоҳад намуд.

Тарафҳо ҷонибдори таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо миёни Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Анҷумани умумичинии намояндагони халқии Чин, инчунин рушди минбаъдаи ҳамкориҳо тавассути «Гурӯҳҳои дӯстӣ»-и мақомоти қонунгузор мебошанд.

7.Тарафҳо қайд карданд, ки омодаанд баҳамории ташаббуси бунёди муштараки «Як камарбанд, як роҳ» ва «Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030»- ро фаъолона пешбарӣ намоянд.

Ҷониби Тоҷикистон, бо таъкид бар он ки соли 2023 соли солгарди ташаббуси ҷаҳонии Си Ҷинпин «Як камарбанд, як роҳ» аст, ҷониби Чинро ба муносибати 10-умин солгарди ин иқдом табрик мекунад.

Тарафҳо қайд карданд, ки Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳоест, ки аз ин ташаббуси ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ намуда, иштирокчии фаъоли он мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои аз лиҳози стратегӣ муҳим дар доираи ин иқдом манфиатдории худро баён кард.

Тарафҳо татбиқи ҳамаҷонибаи санадҳои амалкунандаи дуҷониба ва тавофуқоти ҳосилшударо тибқи қонунгузории давлатҳои худ идома медиҳанд, барои амалисозии бехатар ва босуботи лоиҳаҳои муштарак минбаъд низ чораҳо андешида, ба ҳамкориҳо дар доираи «Як камарбанд, як роҳ» дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, молиявӣ, илмию техникӣ, сайёҳӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, обу энергетика, технологияҳои иттилоотӣ, мушорикати экологӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ, кооператсияи саноатӣ, кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои абрӣ, зеҳни сунъӣ, рушди манбаъҳои «сабз»- и энергия ва афзоиши самаранокии энергия барои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва Чин мусоидат хоҳанд кард.

8.Тарафҳо ба андешидани чораҳои минбаъда оид ба тавсеаи ҳаҷм ва диверсификатсияи номгӯи молҳои савдои дуҷониба, татбиқи иқтидори васеи тиҷорати мутақобила, таъмиқи ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи «Тиҷорати электронии шоҳроҳи бузурги абрешим» ва омӯхтани имкониятҳои нави тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва инноватсионии байни ҳар ду кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Тарафҳо ният доранд, ки ба савдои молҳои дорои арзиши иловашуда, молҳои технологияи олӣ, инчунин рушди мутаносиби тиҷорати дуҷониба мусоидат намоянд.

Тарафи Тоҷикистон омода аст содироти маҳсулоти нассоҷӣ, кимиёвӣ, кишоварзӣ, филизоти ранга ва дигар молҳоро ба Чин афзоиш диҳад. Тарафҳо ҷиҳати тезонидани раванди гирифтани сертификатсияи карантини санитарию фитосанитарӣ барои номгӯи алоҳидаи маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд.

Тарафҳо ният доранд, ки масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои мошинсозӣ, таҷҳизоти роҳсозӣ, телекоммуникатсия, дорусозӣ, нефту газ, саноати сабук, ангишт, кимиё ва хӯрокворӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, неруи барқ, маъданҳо, инфрасохтори нақлиёт, обёрӣ ва мелиоратсия, инфрасохтори деҳот ва дигар лоиҳаҳои иҷтимоиро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Ҷумҳурии Мардумии Чин омода аст, ки чорабиниҳои ба нақшагирифташудаи байналмилалӣ дар бахшҳои тиҷоратӣ - иқтисодӣ, саноату энергетика, нақлиёту логистика, фарҳангию башардӯстонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ намояд.

Тарафҳо аҳамияти татбиқи амалии барномаи ҳамкориро, ки соли 2017 ба имзо расида буд, қайд карданд.

Тарафҳо омодагиро барои иштирок дар Намоишгоҳи байналмилалии воридотии Чин, Намоишгоҳи воридот ва содироти чинӣ ва ЭКСПО «Чин-Авруосиё» изҳор медоранд.

Тарафҳо ба нақши ҳамоҳангсози Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Чин оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва зеркомиссия бо вилояти мухтори Шинҷон-Уйғур оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар таҳкими ҳамкориҳои амалӣ баҳои баланд дода, ба мувофиқа расиданд, ки фаъолияти онҳоро ҷоннок месозанд.

9.Тарафҳо аҳамияти таъмиқи минбаъдаи ҳамкориҳои саноатӣ ва баргузории ҷаласаи Гурӯҳи кории сармоягузории Тоҷикистону Чинро дар фурсати ба ҳар ду ҷониб муносиб таъкид намуданд.

Ҷониби Чин масъалаи ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок ба ҷониби Тоҷикистонро барои иҷрои тарҳҳои иҷтимоӣ ва зербиноӣ баррасӣ хоҳад кард.

Ҷониби Чин ба ташкили истеҳсолоти муштараки маҳсулоти дорои арзиши иловашуда дар заминаи коркарди маъдан ва ашёи хоми маҳаллӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатии Тоҷикистон манфиатдор аст.

10.Тарафҳо таҳкими ҳамкориҳоро дар самти таҷдиди бахши кишоварзии Тоҷикистон идома дода, дар якҷоягӣ ба омӯзиш ва коркарди соҳаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва мусоидат ба ҳамкориҳо ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ саъю кӯшиш хоҳанд кард.

Тарафҳо зарурати фаъол гардонидани кори Комиссияи кишоварзиро қайд намуда, изҳори итминон намуданд, ки барномаи байни мақомоти соҳавӣ дар ин самт як харитаи роҳ барои рушди минбаъда мегардад.

Тарафҳо бо таъкид ба таҷрибаи ғании таърихии Чин дар коҳиши камбизоатӣ, ба мувофиқа расиданд, ки барои татбиқи таҷрибаи мусбати Чин дар ин самт, ки ба рушди устувори Тоҷикистон мусоидат мекунад, пайваста тадбирҳои муштарак амалӣ намоянд.

11.Тарафҳо аҳамияти таҳкими робитаи мутақобилаи инфрасохтори нақлиётии байнимитақавиро таъкид карданд ва барои пешбурди лоиҳаҳои бунёди долонҳои нақлиётӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳои оҳану автомобилӣ саъю кӯшишро идома медиҳанд. Тарафи Чин пешниҳоди тарафи Тоҷикистонро оид ба лоиҳаи таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди «Чин - Тоҷикистон - Ӯзбекистон» ва рушди долони мултимодалии «Чин - Тоҷикистон - Ӯзбекистон -Туркманистон - Эрон - Туркия» бо истифода аз имкониятҳои маркази логистикӣ дар шаҳри Кӯлоб ба инобат гирифт.

Тарафҳо аҳамияти ташкили долони нақлиётии иқтисодии «Чин - Тоҷикистон - шимоли Афғонистон»-ро қайд карданд.

Тарафҳо аҳамияти тамоми сол фаъол будани гузаргоҳи «Кулма-Қарасу» ва ҳамчунин интиқоли бемамониати борҳо тавассути ин гузаргоҳи марзӣ миёни ҳар ду кишварро таъкид намуданд.

Тарафҳо масъалаи лоиҳаи сохтмони қитъаи роҳ аз деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то гузаргоҳи «Кулма - Қарасу», инчунин муосиргардонии ин гузаргоҳи сарҳадӣ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи «Як камарбанд, як роҳ»- ро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Тарафҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи авиатсия омода буда, кушодани хатсайрҳои нави парвозҳои мустақими мусофирқашонӣ миёни пойтахтҳо ва шаҳрҳои ҳар ду кишварро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки минбаъд низ «долонҳои сабз»-ро барои таҳвили босуръати маҳсулоти кишоварзӣ аз гузаргоҳҳо, баланд бардоштани самаранокии барасмиятдарории гумрукии молу маҳсулоти ҳар ду кишвар, таҳкими ҳамкорӣ оид ба иҷозати карантинӣ барои содироти маҳсулоти баландсифати кишоварзӣ ва хӯрокворӣ ба кишварҳои якдигар мукаммал созанд.

Тарафҳо ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ барои минбаъд беҳтар намудани назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳҳо, тартиби убури сарҳад барои ронандагон ва сарнишинҳои ҳавопаймоҳо ба мувофиқа расиданд.

Тарафҳо ҷиҳати таъсиси шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ва мултимодалӣ ба мувофиқа расиданд.

12.Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати Чинро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо эпидемия баланд арзёбӣ намуда, бар он назар аст, ки ин иқдомот шароити беҳтарро барои табодули бехатар, солим ва муназзами кормандони чинӣ ва хориҷӣ, дар ин замина самаранокии бештар дар рушди ҷаҳонии иқтисодӣ фароҳам овард. Ҳар ду ҷониб сиёсикунонии эпидемия ва ҷустуҷӯи манбаъҳои вирусро шадидан маҳкум мекунанд.

Тарафҳо ҳамкориҳои муассир ва таҷрибаи андӯхтаи ҳар ду кишварро дар мубориза бар зидди бемории сироятии COVID -19 мусбат арзёбӣ намуда, ҷиҳати идомаи ҳамоҳангии чорабиниҳои зиддиэпидемиологӣ оид ба мубориза бо дигар бемориҳои сироятӣ изҳори умед намуданд.

13.Ҷониби Чин аз ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои навбатии ҷаҳонии об истиқбол намуда, бомуваффақият баргузор шудани Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028- ро қайд намуд.

Ҷониби Чин натиҷаҳои Конфронси обии СММ-ро, ки 22-24- уми марти соли 2023 дар Ню - Йорк таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерландҳо баргузор гардид, баланд арзёбӣ намуда, инчунин қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ-ро оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, зикр кард.

Ҷониби Тоҷикистон ташаббуси ҷаҳонии рушдро, ки аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин пешниҳод шудааст, баланд арзёбӣ намуда, бовар дорад, ки он дар таъмини расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ саҳми мусбат хоҳад гузошт. Бо ин мақсад, тарафҳо омодагиро барои анҷоми иқдомҳои зарурӣ ҷиҳати татбиқи ин ташаббус изҳор доштанд.

Ҷониби Тоҷикистон аз ташаббуси тамаддуни ҷаҳонӣ, ки ҷониби Чин пешбарӣ кардааст, дастгирӣ намуда, омода аст, ки якҷоя бо ҷониби Чин дар пешбурди бомуваффақияти он, аз ҷумла мубодила ва омӯзиши мутақобила байни тамаддунҳои ҷаҳонӣ, саҳм гузорад.

Тарафи чинӣ пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таҳия ва қабули «Стратегияи рушди иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай то соли 2030», ки барои ҳамкории муассир ва таъмини пешрафти стратегии СҲШ дар соҳаи иқтисодӣ ҷиҳати афзоиши сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон шароити мусоидро муҳайё месозад, қайд менамояд.

14.Тарафҳо аҳамияти рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷонибаро дар самти муқовимат ба «се қувваи шар» - терроризм дар ҳама шаклу зуҳуроташ, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ, инчунин қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир ва прекурсорҳои он, савдои аслиҳа, муҳимот ва маводи тарканда, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ва киберӣ таъкид намуданд. Ҳамкориҳо дар бахшҳои таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ, таҳкими амнияти марзҳо ва мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ идома хоҳанд ёфт.

Тарафи чинӣ талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба пешбурди ҳамкориҳои бисёрҷониба дар самти мубориза бо терроризм ва маблағгузории он дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи «Раванди Душанбе» ва якҷо бо Созмони Милали Муттаҳид баргузор шудани Конфронси навбатии байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо» (18-19- уми октябри соли 2022, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро қайд намуд.

Тарафи чинӣ таъсиси сохтори нави ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои зиддимухаддиротии СҲШ дар шаҳри Душанберо дастгирӣ кард.

Тарафҳо бо мақсади муқовимати муассир ба чолишҳо ва таҳдидҳои муосир баргузории тамринҳои муштараки зиддитеррористии сохторҳои қудратӣ ва хадамоти амниятии ҳар ду кишвар, афзун намудани иқтидори иқдомоти муштарак ҷиҳати ҳифзи субот дар минтақаро идома медиҳанд.

Тарафҳо сатҳи ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбию техникии мақомоти мудофиаи ҳар ду кишварро мусбат арзёбӣ намуда, робита дар ҳама сатҳҳоро тақвият бахшида, ҳамкориҳои зичи ҳарбӣ ва низомию техникиро идома хоҳанд дод.

Тарафҳо робитаҳоро дар самти идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва пешгирии офатҳои табиӣ, инчунин бехатарии истеҳсолӣ ва амалиёти наҷотдиҳӣ тақвият хоҳанд дод.

Тарафҳо ҳамкориро дар соҳаи судиву ҳуқуқӣ амиқтар ва табодули сафарҳои намояндагони прокуратураро васеътар намуда, дар самти омодасозии кадрҳои дахлдор ҳамкорӣ хоҳанд кард.

15.Тарафҳо тавсеаи ҳамкориро дар соҳаҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм, варзиш, сайёҳӣ, бостоншиносӣ, тандурустӣ ва дорусозӣ, давом дода, ҳамзамон ҳамкорӣ байни воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои илмӣ, ҷамъиятҳои дӯстӣ ва ғайраро идома хоҳанд бахшид.

Тарафҳо омодагиро барои гузаронидани Рӯзҳои фарҳангӣ дар пойтахтҳои якдигар ва дигар шаҳрҳои ҳар ду кишвар изҳор дошта, имконияти дар асоси тартиби мақсаднок ва баробар таъсис додани Маркази фарҳангии Тоҷикистон дар Чин ва Маркази фарҳангии Чин дар Тоҷикистонро баррасӣ хоҳанд кард.

16.Тарафҳо аҳамияти инкишоф додани ҳамкориҳои илмию техникиро барои ба роҳ мондани тадқиқоти якҷояи бунёдиву амалӣ дар соҳаҳои афзалиятноки илм ва фаъолияти илмӣ қайд намуданд. Омодагӣ барои татбиқи ҳамкориҳои технологӣ ва инноватсионӣ изҳор гардид.

Тарафҳо зарурати фаъолсозии ҳамкориро дар заминаи таъсиси платформаи муштараки «Роҳи абрешими рақамӣ» тасдиқ намуда, барои пешбарии ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, бунёди корхонаҳо ва паркҳои саноатии ҳар ду кишвар, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорат, зеҳни сунъӣ, махзанҳои бузург, ҳукумати электронӣ, блокчейн омодагӣ изҳор намуданд.

Тарафҳо ҷиҳати идомаи ҳамкорӣ бо ширкатҳои бонуфузи чинӣ роҷеъ ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва ҳалли масъалаҳои рушди дастрасӣ ба интернети баландсуръат ва алоқаи мобилӣ ба мувофиқа расиданд.

Тарафи чинӣ омодагиро барои ҳамкорӣ дар самти сайёҳӣ, инчунин бар асоси вазъи эпидемиологӣ сари вақт барқарор кардани табодули сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ изҳор намуд.

Тарафи Чин баргузории чорабиниҳои ҷониби Тоҷикистонро дар самти рушди сайёҳӣ дар Чин дастгирӣ мекунад. Ҷониби Тоҷикистон аз таъсиси хатсайрҳои муштараки сайёҳӣ, бунёди меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо фаъолона ҷонибдорӣ намуда, ба омода кардани кадрҳо дар ин самт манфиатдор мебошад.

Тарафҳо ҳамкориҳоро дар соҳаи тандурустӣ тавсеа ва таҳким бахшида, механизми табодули илмию амалии таҷрибаи муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла дар соҳаи телетабобат ва тибби анъанавиро, тақвият мебахшанд.

Тарафҳо зарурати омӯзиши масъалаи рушди ҳамкориҳоро дар самтҳои коҳиш додани таъсири манфии тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ ва дигар соҳаҳои муҳити зист, ҷорӣ намудани технологияҳои «сабз» ва энергияи камсарф ва ғайра қайд намуданд.

Тарафҳо аҳамияти таҳким ва густариши ҳамкориҳои минтақаҳои ҳар ду кишвар, аз ҷумла бародаршаҳриҳои навро, ки ба ғанисозии муҳтавои муносибатҳои дуҷониба мусоидат мекунанд, таъкид карданд.

Тарафҳо ба фаъолияти донишкадаҳои Конфутсий дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд баҳои баланд дода, нақши бузурги онҳоро дар омӯзиши забон ва фарҳанги чинӣ қайд карданд. Тарафи чинӣ пешниҳоди ҷониби Тоҷикистонро дар мавриди боз кардани Маркази нави Конфутсий дар вилояти Хатлони Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор дод.

Тарафҳо фаъолияти «Коргоҳи Лу Бан»- ро дар Тоҷикистон бо қаноатмандӣ зикр карданд.

Тарафҳо омодагиро барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш изҳор доштанд.

17.Тарафҳо таҳкими ҳамкорӣ дар масъалаҳои байналмилалиро нишонаи муҳими сатҳи баланди шарикии стратегӣ ва эътимоди мутақобилаи ҳар ду кишвар маънидод менамоянд.

Ҷониби Тоҷикистон аз «Ташаббуси амнияти глобалӣ»- и пешбаринамудаи Чин пуштибонӣ намуда, омода аст, ки бо тарафи чинӣ дар чаҳорчӯбаи ин ташаббус табодул ва ҳамкорӣ ба роҳ монда, муштаракан сулҳу амниятро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин намояд.

Тарафи чинӣ ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси «Камарбанди амниятӣ» атрофи Афғонистонро қайд менамояд.

Тарафҳо низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ки меҳвари он Созмони Милали Муттаҳид мебошад, қатъиян ҳифз намуда, тартиботи ҷаҳонии бар ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфтаро ҳимоя карда, аз меъёрҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ бар мабнои ҳадафу принсипҳои Оинномаи СММ пуштибонӣ хоҳанд намуд.

Тарафҳо ҳамкории зичро дар чаҳорчӯбаи СММ ва ниҳодҳои он, СУС, СҲШ, МҲТБО, қолаби Осиёи Марказӣ-Чин ва дигар сохтору форумҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ идома медиҳанд.

Тарафҳо талош хоҳанд кард, то Созмони ҳамкории Шанхай минбаъд низ ҳамчун сохтори муътабару бонуфузи бисёрҷониба ба хотири таъмини сулҳу амният ва субот, муқовимати муштарак ба чолишҳо ва таҳдидҳои нав, таҳкими робитаи мутақобила, тақвияти муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарии кишварҳои узви он инкишоф кунад.

Тарафҳо якдилона бар он назаранд, ки ҳифзи сулҳу субот ва рушд дар минтақаи Осиёи Марказӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифии мероси фарҳангию таърихии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ҳам барои давлатҳои минтақа ва ҳам барои тамоми ҷаҳон муҳим аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд анъанаҳои таърихию фарҳангӣ ва хусусиятҳои минтақаи Осиёи Марказиро ҳамаҷониба эҳтиром намуда, дар пешбурд ва рушду шукуфоии фаъоли минтақа саҳми муштарак гузорад.

Тарафи чинӣ кӯшишҳои кишварҳои Осиёи Марказиро ба манзури ташаккули фазои сулҳ, некуаҳволӣ ва субот дар минтақа баланд арзёбӣ менамояд. Дар робита ба ин, тарафи чинӣ аз баргузории Нишасти панҷуми ҷашнии машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таърихи 14-15-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон истиқбол менамояд.

Тарафҳо аз таъсиси механизми баргузории Нишасти панҷуми сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ҷонибдорӣ намуда, таъкид карданд, ки қолаби нави ҳамкории бисёрҷониба ба тақвият бахшидани ҳамкории Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳифзи сулҳу амният ва рушди устувори минтақа дар рӯҳияи эҳтироми ҳамдигар, ҳамҷаворӣи нек, кумак ва манфиати мутақобила мусоидат мекунад.

Тарафи Тоҷикистон баргузории муваффақонаи Нишасти якуми сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин дар шаҳри Сиан ва талошҳои тарафи Чин дар ташкили чорабинии мазкурро баланд арзёбӣ намуд. Аҳамияти тавофуқоти аз натиҷаи ин нишаст бадастомада таъкид гардид.

18.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва мардуми дӯсти Чин барои истиқболи гарму самимии ҳайати Тоҷикистон изҳори сипос намуда, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро ҷиҳати анҷом додани сафари давлатӣ ба Тоҷикистон дар замони барои ҳар ду тараф муносиб даъват кард.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**
**Си ҶИНПИН**

**ш. Сиан, 18 майи соли 2023**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

(Идома аз саҳ. 1 ва 2)

Пас аз суханронии пурмуҳтавои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ширкатҳои сармоягузорию соҳибкории Чин оид ба муаррифии фазои сармоягузории Тоҷикистон намояндагони як қатор ширкатҳо суханронӣ карданд.

Аз ҷумла, зимни баромад раиси Шӯрои директорони Ширкати «Ҷитсун Литиум груп лимитед» Нан Ҷинси, раиси Шӯрои директорони Ширкати автомобилии «Шансӣ» Юан Хунмин, президенти Ширкати «Лонгҷи»-и технологияи энергияи сабз оид ба Ховари Миёна, Африқо ва Осиёи Марказӣ Ҷин Чиен, президенти Ширкати нефтии миллии Чин «CNPC» Дай Хоулян, ноиби президенти бонки содироту воридоти Чин «Эксимбонк» Джанг Вен ва президенти Ширкати «Шанхай Айр Файр Интернешнл Эксибишн» Чу Чэн оид ба ҳавасмандии ширкатҳои худ оид ба самти ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар соҳаҳои истихроҷу коркарди литий, мошинсозӣ, истеҳсоли батареяҳои офтобӣ, истихроҷу коркарди нефту газ ва хизматрасониҳои бонкӣ андешаронӣ карданд.

**Шоми 18 - уми майи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Боғи «Фуронг»-и шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин дар барномаи фарҳангии театрикунонидашуда, маросими оғози «Соли фарҳангу санъати Осиёи Марказӣ-Чин» ва ҷашнвораи фарҳангии ҷавонони Осиёи Марказӣ - Чин иштирок карданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сарони давлатҳои Осиёи Марказиро Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва ҳамсараш, бонуи аввали Чин хонум Пэн Лиюан гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Пас аз маросими аксбардорӣ ба сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин барномаи рангини фарҳангии театрикунонидашуда ба муносибати оғози «Соли фарҳангу санъати Осиёи Марказӣ-Чин» ва ҷашнвораи фарҳангии ҷавонони Осиёи марказӣ-Чин намоиш дода шуд.

**19 - уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин дар кори Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Саммит бо истиқболи самимии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ва маросими аксбардории хотиравии иштирокдорон оғоз гардид.

Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ»-ро бо сухани муқаддимавӣ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин ифтитоҳ карданд.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо пешниҳод карданд, ки Чин барои пурзӯр намудани институтикунониии минбаъдаи ин сиғаи ҳамкорӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Ҷониби Чин барои татбиқи минбаъдаи барномаю лоиҳаҳо дар чаҳорчӯбаи ин ҳамоиш 26 миллиард юан ҷудо хоҳад намуд.

Роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ зимни суханрониашон доир ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи ҷаласа ва таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманди давлатҳои ҳамоиш як қатор пешниҳодҳо намуданд.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин ҷиҳати дар сатҳи баланди тадорукотӣ ташкил кардани Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин-Осиёи Марказӣ» ва истиқболи гарму меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори сипос намуданд.

Таъкид гардид, ки дар шаҳри таърихии Сиан баргузор шудани ҳамоиш бисёр рамзӣ мебошад, зеро Роҳи бузурги абрешим маҳз аз ҳамин ҷо сарчашма гирифта, дар замони мо рушду эҳё мeёбад ва барои ба ҳам наздик шудани кишварҳову мардумони мо хизмат мерасонад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вазъи мураккабу зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳо дар ҷаҳон ва минтақа изҳор доштанд, ки маҳз бо назардошти ин ҳолат аҳамияти ҳамкор ии кишварҳо дар чаҳорчӯбаи Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» афзун мегардад.

Сарвари давлат мавқеи устувори Тоҷикистонро дар роҳи мустаҳкам кардани ҳамкории гуногунҷанба дар чаҳорчӯбаи Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» ҷиҳати таъмини амну субот, таҳкими дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди устувор таъйид карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ таъкид доштанд, ки дар муддати се даҳсола муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин дар асоси усулҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтирому боварии мутақобила босуръат рушд ёфтанд. Дар ин росто мулоқот дар доираи Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» метавонад заминаи нодир ва самараноке барои густариши ҳамкорӣ байни кишварҳои мо гардад.

Зимни суханронии пурмуҳтаво Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки бӯҳронҳои озуқаворӣ, энергетикӣ ва иқтисодию молиявӣ, инчунин бемории сироятии COVID-19 ва тағйирёбии иқлим ба талошҳои кишварҳо дар самти рушди устувор, таъсири манфӣ мерасонад.

Пешниҳод гардид, ки рушди ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, сармоягузорӣ ва тиҷорат фаъол карда шавад.

Таъкид карда шуд, ки фазои иқтисодии Тоҷикистон барои ҳамаи соҳибкорону сармоягузорон ҳамеша кушода аст.

Тоҷикистон ба тавсеа ва таҳкими ҳамкории минтақавӣ барои беҳсозии робитаҳои нақлиётию коммуникатсионӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва рақамикунонию содагардонии тартибот дар тиҷорати байналхалқии давлатҳо, инчунин таъсиси марказҳои логистикӣ манфиатдор мебошад.

Дар ҳамоиш имкониятҳо дар самти тавсеаи ҳамкории Тоҷикистон бо Чин дар соҳаҳои кишоварзӣ, рақамикунонӣ, инноватсия ва «технологияи сабз», бахши гидроэнергетика ва дигар бахшҳои судовар таъкид гардид.

Зимни баррасии масоили обу иқлим ва ҳифзи пиряххо Президенти мамлакат ба сарони кишварҳо ҷиҳати дастгирии амиқ аз ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон изҳори сипос карданд.

Дар рафти суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокдорони ҳамоишро ба масъалаи тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳангию гуманитарӣ, тандурустӣ ва сайёҳӣ ҷалб сохтанд.

Таъкид гардид, ки таъмини амнияти минтақавӣ аз мавзӯъҳои мубрами кишварҳо буда, Тоҷикистон ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният, мубориза бо терроризму экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши маводи нашъаовар, диққати махсус медиҳад.

Дар охири суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз мавқеи устувору тағйирнопазири Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонию минтақавӣ ва рушду тавсеаи ҳамкориҳо ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки мо қабули «Эъломияи Сиан»-ро ҷонибдорӣ мекунем.

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин дар суханронии ҷамъбастиаш чунин изҳор доштанд: «Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ва шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед.

Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошад».

Бояд гуфт, ки аз рӯи натиҷаи кори Саммити якуми «Чин - Осиёи Марказӣ» Эъломияи Сиан қабул гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва самтҳои асосии ҳамкориҳо байни кишварҳои ин ҳамоиш дарҷ шуданд.

Инчунин, як қатор механизмҳои бисёрҷонибаи ҳамкориҳо дар самтҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии рушди кишварҳои ҳамоиш қабул гардиданд.

Оид ба натиҷаҳои кори Саммити якуми «Чин - Осиёи Марказӣ» дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин бо иштироки доираи васеи хабарнигорон изҳорот доданд.

Бо ҳамин Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» ба охир расид.

Пас аз анҷоми он сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин бо нишони таҳкиму густариши муносибатҳои ҳамкорӣ ниҳоли «дӯстӣ» шинониданд.

**www.president.tj**




# МУТТАҲИДӢ – ҒОЯИ АСОСИИ ҲАМКОРӢ

## РАИСИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА ДАР ҶАЛАСАИ САЙЁРИ ШӮРОИ АССАМБЛЕЯИ ПАРЛАМЕНТИИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ДАР ШАҲРИ МИНСК ИШТИРОК ВА СУХАНРОНӢ НАМУД

**18 - уми майи соли 2023 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус ҷаласаи сайёри Шӯрои Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ баргузор гашт, ки дар он ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ширкат варзид.**



Дар он, ки таҳти раёсати Раиси Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ Вячеслав Володин баргузор гардид, раисони парламентҳои кишварҳои аъзои СААД масъалаҳои мубрами амнияти байналмилалӣ ва минтақавиро баррасӣ намуда, доир ба масоили матраҳшуда мубодилаи афкор намуданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода маърӯза карда, изҳор намуд, ки баргузории ҷаласа далели возеҳи ҳамкориҳои давлатҳои аъзои СААД буда, ғояи асосии он муттаҳидии давлатҳои аъзои ин созмон аст.

Изҳор гардид, ки ҷаласаи имрӯза барои ҷамъбасти натиҷа ва баррасии дурнамои рушди минбаъдаи Ассамблеяи парлумонии СААД имконияти хуб аст.

- Ҳуҷҷати муҳиме, ки фаъолияти СААД-ро тавсеа мебахшад, «Стратегияи амнияти дастаҷамъии СААД барои давраи то соли 2025» мебошад. Дар назди мо вазифаҳои басо муҳим вобаста ба таъмини амнияти умумӣ қарор доранд. Бо назардошти афзоиши чандинкаратаи чолишу таҳдидҳо бояд кӯшишҳои муштаракро барои таҳкими иқтидор ва тавонмандии СААД афзоиш диҳем, - таъкид намуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Маҷлиси намояндагон афзуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини амнияту субот дар чаҳорчӯбаи СААД таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

- Умед дорам, ки қарорҳои дар натиҷаи баррасии рӯзномаи имрӯза қабулшуда амнияти кишварҳои моро боз ҳам таҳким бахшида, саҳми муассири Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ барои таъмини шукуфоӣ, сулҳу субот дар кишварҳоямон мегарданд,- гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар ҷаласаи зикршуда 14 масъала баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Дар он сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус Маҳмадшариф Ҳақдодзода ва намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ Бахтовар Сафарзода низ иштирок намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛ, КОРКАРДИ НОКИФОЯ ВА ТАЛАФЁБИИ ЗИЁД

## Баррасии бурдубохти саноати хӯроквори дар муҳокимаи парлумонӣ



**18 - уми майи соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим дар мавзӯи «Коркарди саноатии маҳсулоти хӯроквори» муҳокимаи парлумонӣ баргузор гардид.**

**Номбурда изҳор намуд, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ барои таъмини аҳолии кишвар бо озуқа тавассути афзоиши истеҳсоли он, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва ба ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд.**

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 - юми декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки нишондиҳандаҳо бо назардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, барои ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат ҳанӯз нокифоя мебошанд. Аз ин лиҳоз, барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан лоиҳаҳои дорои аҳамияти экологӣ ва озуқаворидошта бояд чораҳои сариватӣ андешида шаванд, - гуфт нотиқ.

Таъкид гардид, ки саноати хӯроквории ҷумҳурӣ заминаи мустаҳками ашёи хом дорад ва онро соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ бо ашё таъмин мекунад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш доданд, ки фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусиро, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, таъмин созанд.

- Вазорату идораҳои зикршуда дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон бояд соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблии онҳо барқарор намоянд, - зикр кард номбурда.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсиддинзода изҳор дошт, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ нақши муҳими саноати хӯрокворӣро дар таъмини амнияти озуқаворӣ қайд намуда, супориш доданд, ки баробари истифодаи иқтидорҳои мавҷуда, инчунин корхонаҳои нави саноатӣ барои афзун намудани коркардаи ашёи хоми кишоварзӣ ва муҳайё намудани ҷойҳои навӣ кор таъсис дода шаванд.



Саноати хӯрокворӣ ҳоло 730 корхонаҳои хурду калонро дар бар гирифта, соли 2022 ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии мамлакат 24,1 дарсад (10,4 млрд. сомонӣ)-ро ташкил дод.

- Дар се соли охир (солҳои 2020 – 2022) истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии коркарди саноатишаванда, аз ҷумла сабзавот ва мевагиҳо 9 фоиз, ангур - 25, гӯшт - 16, шир 4 фоиз афзуд.

Дар соҳа мушкилиҳо мавҷуданд, ки дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагони ашёи хом ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ яке аз онҳо мебошад. Зарур аст, ки механизми иқтисодии ин муносибатҳо такмил ёфта, шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ дар мисоли корхона ё ноҳияи алоҳида санҷида шавад.

Ҳамзамон, барои хоҷагиҳои деҳқонӣ механизми ҳавасмандгардонӣ барои иштирок дар муносибатҳои иқтисодӣ бояд ташаккул ёбад, - зикр кард номбурда.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Бахтиёр Аҳмадзода изҳор дошт, ки бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ 26 – уми декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон карданд. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ бо ташаббусу дастгирии доимии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати нави иқтисодӣ - саноатикунонии босуръат татбиқ гардид, ки дар он рушди бомароми соҳаи саноати хӯрокворӣ мавқеи хоса дорад.



Нотиқ ёдовар шуд, ки саноати гӯшту шир дар таркиби саноати хӯрокворӣ аз ҷиҳати истеҳсол ҷои аввалро мегирад. Бо вуҷуди ин талаботи ҷумҳуриро пурра бо гӯшт, шир ва маҳсулоти ширӣ таъмин намекунад.

Муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Сафарзода зикр кард, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати хӯрокворӣ мунтазам рушд ёфта истодааст. Ин омил дар мисоли баланд шудани сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бандубаст, истеҳсоли маҳсулоти гӯштию ширӣ, маҳсулоти қаннодӣ, нӯшокиҳо, макарон, орд, нон ба назар мерасад.



-Таҷдиди технологии корхонаҳои амалкунанда ва бунёди корхонаҳои муосир имкон фароҳам овард, ки истеҳсоли маҳсулоти хушсифату ивазкунандаи воридот ҷорӣ гардида, талаботи бозори дохилӣ бо гӯшту шир, консерваи меваю сабзавот, орд, макарон, нон, намаки ошию техникӣ, нӯшокиҳои спиртию ғайриспиртӣ пурра таъмин гардида, як қисми маҳсулот ба хориҷи кишвар содирот шавад. Дар се соли охир истеҳсоли 56 намуд маҳсулоти нави ғизо, аз қабили чипс аз меваю сабзавот, хокаи хушки мевагӣ барои нӯшокиҳои ташнагишикан, желатин, ғизои кӯдакона аз меваю сабзавот, шарбати ангур дар зарфҳои шишагин ва намуди «Тетра-Пак», нӯшокиҳои ташнагишикан ва нерудиҳанда, ҷорӣ шуд.

Агар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ 7 миллиарду 61,4 миллион сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2021 ин нишондод ба 7 миллиарду 864,5 миллион сомонӣ ва соли 2022 ба 10 миллиарду 381,2 миллион сомонӣ баробар шуд. Ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ аз 22,9 дарсади соли 2020 ба 24,1 дарсад дар соли 2022 расид. Мавқеи маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ устувор гардида, содироти он ба хориҷи кишвар, аз ҷумла Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Амрико ва Аврупо афзуда истодааст. Маҳсулоти асосии содиротии соҳа, меваи хушк, нӯшокиҳои ташнагишикан, консерваи меваю сабзавот, орд, маҳсулоти қаннодӣ ва желатин буда, 95,7 дарсади маблағи умумии маҳсулоти содиротшударо ташкил медиҳанд.

Муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зеваршои Зеваршо доир ба кишт, парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ яке аз заминаҳои асосии таъмини рушди устувор ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар саҳми бориз дорад.



-Ҳар сол аз 20 то 40 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ бинобар коркарди саноатӣ нагардидан ва набудани имкони нигоҳдории инноватсионӣ талаф меёбанд. Талафоти бештари сабзавот, полезиҳо ва мевагиҳо ба мушоҳида мерасад. Бештар аз 250 ҳазор тонна ангур ба даст меорем, вале ҳамагӣ 17-20 ҳазор декалитр шароб истеҳсол менамоем. Ҳоло он ки соли 1991 ҳамагӣ 120 ҳазор тонна ангур истеҳсол карда мешуд, аммо беш аз 1,8 млн. декалитр шароб истеҳсол мегардид. Ҳоло зиёда аз 2,7 млн. тонна сабзавот истеҳсол мешавад, вале консерваи истеҳсолшуда 60-65 млн. дона қуттии шартиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 1991 қариб 5 маротиба кам аст. Назар ба соли 1991 истеҳсоли равғани растанӣ 3, панирҳои равғанин 13 ва газвори пахтагӣ 14 маротиба кам гардид, - афзуд номбурда.

Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳҳобзода зикр кард, ки тайи солҳои охир бо мақсади таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ бо пешниҳоди Агентии «Тоҷикстандарт» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии талаботашон ҳатмӣ,



қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Регламентҳои техникии «Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ», «Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, «Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ», «Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ», «Бехатарии маҳсулоти шарбатӣ аз меваҳо ё сабзавот», «Бехатарии хӯроки чорво ва иловагиҳои он», «Бехатарии борҷома», «Бехатарии орди гандумии ғанигардонидашуда» ва «Бехатарии маҳсулоти машруботӣ» аз ҳамон ҷумлаанд.

Барои ташхиси сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ Агентии «Тоҷикстандарт» 15 озмоишгоҳи ташхисӣ дорад, ки се озмоишгоҳ дорои ваколати байналмилалӣ мебошад.

Бино ба гуфти ӯ, барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ, ки танзимкунандаи бехатарӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравандд, солҳои 2021-2022 дар 36 корхонаи истеҳсолӣ низоми бехатарии байналмилалии «ҲАССП (НАССР)» , 16 корхона стандарти ИСО 22000:2005 «Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ва дар 30 корхона стандарти «Ҳалол», ки асосашро талаботи стандарти ИСО 22000:2005 «Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ташкил медиҳад, ҷорӣ гардид.



Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода изҳор дошт, ки мавзӯи муҳокимаи парламентӣ бисёр муҳим аст, зеро шаҳрвандони кишвар ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд доранд. Номбурда аз тартиби нодурусти истифодаи замин, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ ва мушкилоти дигаре, ки монеи рушди иқтисодӣ мешаванд, нигаронӣ карда гуфт, ки масъулин бояд барои ҳалли онҳо чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, номбурда ёдовар шуд, ки аксар вақт дар арафаи идҳо нархи маҳсулоти хӯрокворӣ якбора боло рафта, боиси норозигии шаҳрвандон мегардад.

Дар охир вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳояшон аз масъулин посух гирифта, пешниҳоду тавсияҳо манзур намуданд.

Дар фарҷом бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парламентӣ қабул шуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ХАТАРЕ, КИ ҲАТТО АБАРҚУДРАТҲОРО НИГАРОН КАРДААСТ

## Мусоҳиба бо декани факултети фалсафаи ДМТ, доктори илмҳои фалсафа Нозим Маҳмадизода оид ба моҳияту пайомади ифротгарой

**- Ифротгарой вақтҳои охир вожаи серистифода аст, вале эътироф бояд кард, ки на ҳама мазмуни ифрот ва ифротгароро медонанд...**

- Дуруст гуфтед. Истилоҳи «ифрот» калимаи арабӣ буда, аз решаи «фарт», яъне «авҷ» ё «ниҳоят» гирифта шудааст. Истеъмоли умумии «ифрот» ба маънои ҳадду андозаро гузаштан, аз эътидол берун шудан ва зиёдаравӣ кардан мебошад. Дар маҷмӯъ, ифротгаро касест, ки тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амалаш дар ягон масъала аз меъёри қабулшуда ва аз ҳадди эътидол мегузарад. Масалан, баъзе инсонҳо дар пурхӯрӣ аз ҳад мегузаронанд, яъне ифрот мекунанд, баъзеи дигар дар харҷи беҳудаи пул зиёдаравӣ ва ифрот мекунанд. Дар мавриди ҳамаи ин ҳолатҳо калимаи «ифротӣ»-ро дар маънои луғавии он истифода намудан мумкин аст. Маънои муқобил ё антоними калимаи «ифрот» калимаи «тафрит» аст, ки он низ аз решаи «фарт» буда, ба маънои бепарвоӣ ва камтаваҷҷуҳии беш аз ҳад нисбат ба чизе мебошад.

**- Табиист, ки моҳияту пайомади ифротгарой нисбат ба маънои луғавии он доманадор аст...**

- Дар адабиёти илмӣ зиёда аз сад таърифи мафҳуми «ифротгарой» вуҷуд дорад, вале ҳеҷ яке аз онҳо таърифу тавзеҳи комилу пурраи ин истилоҳро натавониста-аст баён созад. Аз ҳама бештар мафҳуми «ифротгарой» дар ин маънӣ: инкори меъёрҳои мавҷудаи сиёсӣ, арзишу қоидаҳои ба талаботи ташкили низомҳои сиёсӣ асосёфта, кӯшиши халалдор кардани эътидоли сиёсӣ ва сарнагун кардани ҳокимияти амалкунанда таҷассум ёфтааст.

Мувофиқи таснифи Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо, «ифротгарой чунин шакли фаъолияти сиёсист, ки ошкоро ё пинҳонӣ принсипҳои демократии парлумониро инкор намуда, ба ғояҳо ва таҷрибаҳои оштинопазирӣ, бегонашавӣ, ҷудоиандозӣ, воҳимаангезӣ ва миллатчигӣ асос ёфтааст».

Дар Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм (ҷудоихоҳӣ) ва ифротгарой мафҳуми «ифротгарой» чунин шарҳ дода шудааст: «Ифротгарой як навъи фаъолиятест, ки зӯран ғасб ва бо зӯрӣ идора кардани ҳокимият, инчунин зӯран тағйир додани сохти конститутсионии давлатро дар назар дорад. Аз ин рӯ, барои зӯран дахолат намудан ба бехатарии ҷамъиятӣ ва ташкили ғайриқонунии ошӯбҳои мусаллаҳона ё иштирок дар онҳо, фаъолияти номбурда тибқи қонунгузориҳои миллии тарафайн ҳамчун фаъолияти ҷиноятӣ таъқиб карда мешавад». Қобили зикр аст, ки ба конвенсияи мазкур Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имзо гузоштаанд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истилоҳ чунин тасниф шудааст: «ифротгарой ин зуҳуроти аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ифода кардани шакли ифротии амалиёт ба шумор меравад, ки ба тахрибкорӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳо, барангехтани низову адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват менамояд».

**- Дар илми муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафаи иҷтимоӣ, мафҳуми ифротгарой чӣ гуна баррасӣ шудааст?**

- Ин падидаи манфии иҷтимоӣ бисёрҷанба буда, дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбад, ки ошкор намудани моҳияти он то андозае душвор аст. Зикр кардан бамаврид аст, ки омӯзиши ифротгарой мавзӯи мутлақо фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор намеравад, аз ин рӯ, ҳар яке аз самтҳои илмии онро ҳаргуна маънидод мекунанд. Истилоҳи «экстремизм» («ифротгароӣ»)-ро ҳамчун мафҳуми илмӣ аввалин бор ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М. Лерой дар ибтидои асри XX мавриди истифода қарор дод. Ӯ муайян намуд, ки фарқи ин раванди сиёсӣ аз дигар ҷараёну равияҳо дар он аст, ки ифротгароён аз пайравони худ эътиқод ба ғояҳои тарғибкунандаи сиёсиро талаб мекунанд. Барои мисол, ин муҳаққиқ неруҳои сиёсии ифротиро, ки он вақт амал мекарданд, «экстремизми сурх»- и болшевикон ва «экстремизми сафед»- и монархистон номида буд.

Дар тадқиқоти таърихнигорони шӯравӣ барои арзёбии неруҳои чап, хусусан дар шакли муборизаи мусаллаҳона, чунин истилоҳот, ба мисли «ифротгароии чап», «тундгароии чап», «ҷараёни чапгаро» ва «ифротгароии фавқулчап» истифода шудаанд. Аз нуқтаи назари фалсафӣ ифротгарой ифодагари сабки густохонаи ҳаётии бархе одамон аст, ки «фарҳанг»-и хоси худ ва «ҷаҳони хоси худ»- ро ташкил кардаанд. Арзишҳоеро, ки онҳо тарғиб мекунанд, бо арзишҳо, талабот ва тақозои ҷомеа комилан мухолиф аст. Аз ҷониби дигар, ифротгарой риоя накардани андозаву муқаррарот буда, беэҳтиромиву бетафовутӣ ба ақли солим ба ҳисоб меравад. Биноан, дар ҷаҳони муосир таъиноти худро иваз намуда, аксар маврид ҳамчун василаи мубориза алайҳи ҳукуматҳо суиистифода мешавад.

**- Дар адабиёти илмӣ оид ба ифротгарой ва матолиби воситаҳои ахбори омма аксар вақт дар баробари вожаи «ифротгарой» чунин мафҳумҳо, ба монанди таассуб, тундгарой, бунёдгарой ва терроризм истифода мешаванд. Онҳо чӣ умумият доранд?**

- Инҳо зуҳуроти гуногун мебошанд. Барои мисол, дар байни ифротгарой ва терроризм алоқамандӣ мавҷуд аст, аммо набояд ин ду мафҳумро ба ҳам монанд кард. Агарчанде онҳо як решаи умумии иҷтимоӣ - сиёсӣ доранд, дар шаклҳои гуногуни фаъолият зуҳур мекунанд. Терроризмро, бо истиснои баъзе ҷузъиёти он, ҳамчун қисми таркибии ифротгарой, зуҳуроти нисбатан равшани он тасаввур кардан мумкин аст. Баррасии таносуб нишон медиҳад, ки терроризм гуногуншаклии хоси ифротгарой ба ҳисоб рафта, моҳияти он ҷудошавӣ аз тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ мебошад.

Терроризмро шакли махсуси ифротгарой гуфтан дуруст аст, на зуҳури мустақил. Агар ифротгарой ба заиф гардонидан ва харобсозии низоми сиёсӣ тавассути ба одамон ошкор намудани нуқсонҳои ҷомеа ё ҷалби мардум ба ошӯб равона шуда бошад, терроризм «таъинот» ва «салоҳият»-и васеътар дорад. Гаравгон гирифтан ва ё боздошт намудани гаравгонҳо, рабудани одамон, суиқасд ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони гурӯҳҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, нажодӣ, дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ғасб намудан, зарар расонидан ва нобуд кардани иншооти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ, амалӣ кардани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ, истифода намудан ва ё таҳдиди истифодаи таҷҳизоти тарканда, моддаҳои радиоактивӣ, биологӣ, тарканда, кимиёвӣ ва дигар моводи заҳролудкунанда, ғасб намудан, ташкили бетартибӣ ва иғвои он дар ҷойҳои серодам ва ҷамъиятӣ, ҷойҳои маҳрум ва маҳдуд кардан аз озодӣ, ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ, расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии аҳолӣ, молу мулки шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ бо роҳи содир кардани садамаҳо, фоҷиаҳои техногенӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

**- Аломати нахустини ифротгарой чӣ аст?**

- Эътироф накардани нуқтаи назари дигарон, қасдан фарқ нагузоштан байни дурусту нодуруст (ҳатто агар нодуруст будани ақидаи ӯро бо далелҳои қотеъ исбот карда шавад), афзалтар шумо295идани дину мазҳаби худ нисбат ба дину мазҳаби дигарон. Мутаассибони динӣ шефтаи дигаргун сохтани олам аз дидгоҳи муғризонаи худ мебошанд.

**- Аз ин бармеояд, ки ифротгарой бо таассуб ҳаммарз мебошад...**

- Бале. Барои мутаассиб ӯ ва эътиқодаш муҳим аст. Ақидаи дигарон барои ӯ аҳамият надорад. Мутаассибон аксаран одамони ҷоҳилу якрав ва маҳдудандеша мебошанд. Онҳо қодир нестанд фарқияти байни шаклу мазмун, роҳу тадбир ва мақсадҳоро дарк намоянд. Ҷаҳолат аз он ваҷҳ, ки онро бо обуранги ислом пардапӯш мекунанд ва ба амри Парвардигор нисбат медиҳанд.

Шахси мубталои таассуб олами атрофи худро наметавонад бубинад, оҷиз аст, ношунавост, вай қобил нест, ки дигаргуниҳои ҷаҳонро бубинаду шунавад. Онҳоеро, ки ба ақидаҳои мутаасиб розӣ нестанд, палид, нокас ва душмани ашадии худ меҳисобад. Боиси нигаронӣ он аст, ки тавассути эътиқоди таассубӣ далелҳои бебаҳс инкор гардида, афзалият ба фиреби эҳсосот дода шуда, дастрас намудани иттилооти муътамад то андозае маҳдуд мегардад.

Ин тоифа пойбанди таҳрифи ҷаҳонбинианд, ки ба худбинию худписандии оштинопазирӣ асос ёфтааст. Мутаассиб наметавонад таҳлил намояду хулоса барорад. Аз ин лиҳоз, оқибат ба ифротгаро табдил ёфтани ин ашхос саҳлу сода аст.

**- Мутаассиб аз тундгаро чӣ фарқ дорад?**

- Аввалӣ аз дувумӣ аз он ҷиҳат фарқ мекунад, ки ақидаи худро дар дараҷаи ифротӣ ҳақиқат мешуморад ва имкон аст, ки ҳадафҳояш аз ҳисоби қурбон намудани дигарон амалӣ гардад. Барои мисол, ки ашхоси тундгаро бо ҳидояту роҳнамоии мутаассибон худро бо василаҳои гуногун, аз ҷумла тарконидан, ихтиёрӣ ба муҳорибаҳо сафарбар шудан, қурбон мекунанд.

**- Ҳамрадиф бо ин истилоҳ, вожаи бунёдгарой низ истифода мешавад. Он бо ифротгарой чӣ алоқамандӣ дорад?**

- Бунёдгарой идеологияест, ки бозгашт ба заминаҳои анъанавии сохти ҷамъиятро талқин карда, муқобили тағйиру азнавсозии он аст. Моҳияти ғояҳои бунёдгарой баргаштан ба низоми куҳнаи иҷтимоӣ ё дар ҳолати карахтӣ нигоҳ доштани тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ, садди роҳи ҳама гуна тағйирот буданро ифода мекунад.

Воқеан, бунёдгарой ва ифротгарой бо ҳам алоқаманданд. Дувумӣ идомаи мантиқии аввалӣ мебошад. Солҳои охир ба ин истилоҳ вожаи «ислом»-ро зам кардаанд, аммо мадди назар бояд дошт, ки бунёдгарой метавонад дар шаклҳои гуногуни ба таассуб ва таҳаммулнопазирӣ асосёфта зуҳур намояд.

Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки яке аз проблемаҳои ҷаҳони муосир афзоиши хатари терроризм ва экстремизм мебошад, ки аксар маврид зери ниқоби ислом роҳандозӣ мегардад. Ҳол он ки ислом бо терроризм ва ташкилотҳои экстремистӣ ҳеҷ умумияте надошта, баръакс таълимоташ зидди ин зуҳуроти хатарнок нигаронида шудааст. Вале бо вуҷуди ин, қувваҳое буданду ҳастанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ аз дини мубини ислом суиистифода мекунанд.

Дар робита ба масъалаи мавриди назар сухан на дар бораи муқовимат бо ислом ҳамчун яке аз динҳои ҷаҳонӣ, балки дар бораи мубориза бар зидди моҷароҷӯён, ҷудоихоҳон, ғоратгарону роҳзанҳо меравад, ки ба дин ягон умумияте надошта, танҳо моҳияти ҷинояткориву моҷароҷӯии худро бо шиорҳои исломӣ пардапӯш мекунанд ва ба ин васила ба номи дини мубини ислом доғ меоранд.

**- Бунёдгароии исломӣ чӣ ҳадаф дорад?**

- Бозгашт ба сохти ҷамъиятии даврони ҳукмронии халифаҳои рошидин меҳвару ҷавҳари он аст. Агар масъаларо амиқтар мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, бунёдгароии исломӣ стратегия ва идеологияи сиёсиест, ки ба навсозии низоми дунявии сиёсии амалкунанда нигаронида шуда, мақсад дорад фазои иҷтимоӣ - фарҳангии давлат ба самти қатъиян мутобиқ ба меъёрҳо ва анъанаҳои исломи пешин бошад, фаъолияти давлатдорӣ, ҳаёти ҷомеа ва шахсиятҳо дар асоси талаботи «Қуръон» ва шариат ба роҳ монда шавад. Бунёдгароии исломӣ қисми таркибии исломи сиёсист, зеро пайравони он мақсади худро тавассути мубориза барои соҳиб шудан ба ҳокимият амалӣ намудан мехоҳанд. Моҳиятан бунёдгароии исломӣ ба ихтилофангезӣ дар байни равияҳои исломӣ равона гардидааст ва исломро аз дохил хароб кардан мехоҳад.

Қобили зикр аст, ки на ҳама вақт бунёдгароён ва тундравҳо ифротгароёни динӣ ва террорист хоҳанд шуд. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки нахустин тафсири бунёдгарой дар Амрико, дар байни пайравони мазҳаби евангелистҳо пайдо шудааст. Бунёдгароии динии протестантон дар иёлоти ҷанубии Амрико, дар байни пресвитерианҳо, баптистон ва методистон дар солҳои 1910 - 1912 маъруф буд. Тарғибгарони ин ҳаракат ҳама гуна кӯшишҳои танқид ва тафсири нави Каломи муқаддасро маҳкум мекарданд.

**- Тибқи хулосаи коршиносон, дар ҷаҳони муосир шакли аз ҳама хавфноки ифротгарой ифротгароии динӣ аст. Бо ин хулоса розиед, агар ҳа, бо кадом асос?**

- Комилан ҳамфикрам. Ин намуди ифротгарой аз қатъиян эътироф накардани ғояву таълимоти динҳои дигар, муносибат ва рафтори оштинопазир доштан ба эътиқодмандони дигар дину мазҳабҳо ва аз байн бурдани намояндагони динҳои ғайр таркиб ёфтааст.

Ифротгароии фирқавӣ яке аз шаклҳои аз ҳама хавфноки ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки дараҷаи оштинопазирии ҷонибдорони чунин намуди ифротгарой метавонад то ҳадди ниҳоӣ расад, назорат оид ба фаъолияти он душвор аст. Намунаи равшани чунин шакли ифротгарой ваҳҳобия ва салафия ба шумор меравад, ки дар аксар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар давлати мо, паҳн гаштаанд.

Пайомади фаъолияти пинҳонии динӣ - ифротгарой зӯран тағйир додани сохти давлатдорӣ ё зӯран ғасб кардани ҳокимият, халалдор намудани мустақилият ва якпорчагии давлат, ташкили амалиёти ғайриқонунии мусаллаҳона, барангехтани душманӣ ва кинаву адовати динӣ ё миллӣ мебошад.

Имконнопазир аст, ки ифротгароии динӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ - сиёсӣ комилан динӣ бошад. Ҳарчанд заминаҳои пайдоиши тамоюли ифротӣ дар таълимоти динӣ вуҷуд доранд, вале ба он унсурҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсӣ низ шомиланд. Дар ин маврид дин метавонад ва бояд бунёдӣ (фундаменталӣ) бошад, яъне истодагарӣ намояд. Бегуфтугӯ, дин мустақиман ё ғайримустақим бо сиёсат алоқаманд буда, ҳар қадар ба масоили иҷтимоӣ ғӯтавар гардад, ба ҳамон андоза пойбанди сиёсат мешавад.

**- Тафовути ифротгароии динӣ аз ифротгароии динӣ - сиёсӣ дар кадом омилҳо зоҳир мегардад?**

- Ин кори бисёр мушкил аст. Ифротгароии динӣ - сиёсӣ назари ифротӣ доштани як ё якчанд гурӯҳро меноманд, ки идоракунии давлатро нодуруст шуморида, ғояҳои идоракунии худро ҳақ мепиндоранд, зӯроварӣ ё ташаннуҷро ба кор мебаранд, шаклҳои қафомондаи ҳокимиятдориро тарғибу дастгирӣ мекунанд, бо дигар гурӯҳу ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва ҷамъиятӣ оштинопазиранд ва ҳатто барои ба ҳадафҳои худ расидан террори сиёсиро истифода менамоянд. Мафҳуми «ифротгароии динӣ сиёсӣ» ба қатори зуҳуроти мураккаби ҷамъиятӣ шомил мешавад, ки ҳангоми муайян карданашон ногузир ихтилофи ақидаҳо ба миён меояд.

Ин намуди ифротгарой аз рӯи баъзе зуҳуроти худ истилоҳот, ғояҳои қавмӣ ва диниро истифода мебарад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 90- уми асри гузашта ғояҳои миллатгарой оид ба гурезагони арман мавриди истифода қарор гирифт, ки ба низоъ байни мухолифини демокративу исломӣ ва коммунистон боис гардид. Мавҷи ин раванд ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки дар он ислом ҳамчун омили сиёсӣ нақши ҳалкунанда бозид. Ҷанги шаҳрвандӣ муқовимати сиёсии байни ташкилотҳои сиёсӣ ва диниро тезонид, ки ҳар яке аз онҳо ба ҳимояи манфиати минтақаҳои алоҳида равона шуда буд. Аз ин лиҳоз метавон ба ҳаводиси зикршуда ҳамчун ифротгароии динӣ-сиёсӣ баҳо дод.

Моҳияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ инкор намудани низоми арзишҳои одобу ахлоқие ба шумор меравад, ки дар ҷомеа ба ҳукми анъана даромадааст. Қисмати дигари масъалаи мазкур дар тарғиботи қатъии ҷанбаҳои ҷаҳонбинии онҳо ифода меёбад, ки ба арзишҳои маъмули умумиинсонӣ муқобил меистанд. Бояд қайд кард, ки ифротгароии динӣ- сиёсӣ аз ҳама навъи хавфноктарини ифротгарой ба шумор меравад, чунки дар зери ниқоби дин амал мекунанд. Тайи даҳсолаҳои охир ифротгароии динӣ сиёсӣ дар саросари ҷаҳон реша давонидааст. Дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои қарни нав пайравони ҳаракатҳои ифротгарой ва террористии исломӣ, шуҳрат пайдо кардаанд, ки онҳо ҷангҳои мазҳабиро дар шаклу шеваи ифротгарой ва террористӣ ҷонибдорӣ менамоянд.

Ҳолати мазкур дар навбати худ дар кӯшишҳои якчанд давлатҳои исломӣ барои тақвият бахшидан ба нуфузи фаромарзӣ (геополитикӣ)-и худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ифода меёбад, ки онҳо ба ин восита мехоҳанд, доираи ба истилоҳ «ислом»-ро васеъ намоянд. Ин аст, ки дар манотиқи гуногуни олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, дин бо мақсади асосноккунӣ ва қонеъсозии талаботи сиёсӣ истифода гардида, дар ин замина ифротгароии ба истилоҳ «динӣ» ба вуҷуд омадааст.

Хулоса, экстремизми динӣ - сиёсиро метавон ҳамчун категорияи фалсафӣ - иҷтимоӣ маҷмӯи ҷинояткориҳои зӯроварии динӣ - сиёсие, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ё таъмини фаъолияти сиёсӣ содир мешаванд, тасниф намуд.

**- Хатарнок будани ифротгароии динӣ- сиёсӣ барои ҷомеаи мо дар чӣ зоҳир мегардад?**

- Табиист, ки сатҳи маърифати сиёсӣ ва зиракии сиёсии шаҳрвандон дар ин ҷода нақши калидиро дорост, зеро «вақте, ки халқ тираақл аст, идора карданаш осон аст». Вале бояд дарк намуд, ки зери ин ҳама омилҳои ҷузъӣ, ки ба «хам - хам рафтани сайёд баҳри қатли мурғон» шабеҳ аст, мақсадҳои муғризона нуҳуфтаанд. Агар ба вазъи сиёсии олам таваҷҷуҳ зоҳир намоем, пас тамоми табаддулоте, ки чанд соли охир дар кишварҳои мусалмонӣ сурат гирифтаанд, маҳз ба тафриқаандозиҳои динӣ ва мухолифати мазҳабӣ рабт доранд. Чун амиқ мавзӯъро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, собит мешавад, ки мавриди назари давлатҳои абарқудрат маҳз он кишварҳоеанд, ки мардум ба ақидаҳои динӣ майли бештар доранду нисбатан зудбоваранд.

Ифротгароии динӣ - сиёсии дар шароити Тоҷикистон тавлидёфта ё интиқолдодашуда на фақат хусусияти динӣ доранд, балки фарҳанг, суннат, менталитет ва таърихи халқҳоро инъикос менамояд.

Ифротиёни динӣ - сиёсӣ бениҳоят муттаҳид буда, саркардагон ва пешвоёни онҳо баромади муайяни иҷтимоӣ доранд. Аммо иҷрокунандагони амалҳои террористӣ заминаи муайяни иҷтимоӣ надошта, аз қишрҳои гуногун, хоса табақаҳои осебпазир, ҷалб мешаванд.

Ташкилотҳои ифротию террористии «Давлати исломӣ», «Салафия», «ҲНИ», «Ҳизб - ут - таҳрир» аз ҳамон қабиланд, ки хушбахтона, ҳадафҳои онҳо ошкор ва фаъолияташон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шуд.

**- Ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон кай доман паҳн кард?**

- Дар хотир дорем, ки пас аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол шудани кишварҳои тобеи он фазои озоди динӣ дар ин кишварҳо хеле паҳновар гардид, зеро аксари мардум, ки дар бунбасти фазои динӣ қарор доштанд, бо орзуи дарёфти озодӣ ба дину диндорон рӯ оварданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми қарни XX дар Тоҷикистон аҳзоби гуногун ва то андозае аз назари идеологӣ ба ҳам мухолиф ба вуҷуд омада, дар ин раванд ҳизби гӯё ба дин рабтдошта ҷойгоҳи хосро соҳиб шуд. Кор то ба ҷое расид, ки олиме, ки дониши мукаммали гуногунҷанба дорад, дар радифи ба ном муллои камсавод қадру манзалат надошт. Фурӯши густурдаи фитаҳои амри маъруф, гузаронидани тӯй ва маъракаҳо ба тарзи мазҳабӣ, нишон додани афзалияти гирифтани таълими динӣ дар хориҷи кишвар ва ғайраҳо ба «осиёб»-и чунин муллоҳо «об мерехт». Дар робита ба ин, назари муҳаққиқи амрикоӣ А. Халид қобили таваҷҷуҳ аст. «Дар собиқ ИҶШС тафаккури оммавӣ куллан дар доираи мавҳумоте ташкил ёфта буд, ки тибқи идеологияи он, таълимоти марксизм назарияи рушди ҳамаҷонибаи инсон, ғалаба бар дин ва хурофотро таъмин мекард. Дин дар он давра ҳамчун нуқси шуури инсон баррасӣ мегардид, таълимоти ғоявии «дин афюн аст» ҳамеша мавриди тарғибу ташвиқот қарор дошт».

Азбаски дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дини ислом ва таълимоти онро аз ҳаёти ҷамъиятӣ дур карда буданд, аз ин рӯ, таълимоти исломии дорои хусусияти тундравидошта, баъд аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ реша давонд, зеро аксарият миёни муқаррароти исломи асил ва исломи ба истилоҳ таҳрифшуда фарқ гузошта наметавонистанд ва ба онҳо таҳмил кардани ақидаҳои ифротию тундрав осон буд. Ҳолати мазкур имкон фароҳам овард, ки равияҳои тундраве, ки аз ҷониби давлатҳои хориҷии «хайрхоҳ»- и кишвари мо маблағгузорӣ мешуданд, фаъолияташонро босамар пеш баранд.

Дар натиҷа, рӯҳияи ифротгарой ба пайдоиши зиддият байни наслҳои ҷавон ва калонсоли уламои динӣ, ки онҳо дар рӯҳияи анъанаҳои маҳаллии бо ном «исломи маишӣ» тарбия ёфтаанд, тамоюли афзоишро касб намуд.

**- Яъне, андеша, дар мавриди он ки миёни аҳли тақво ва уламои дин рақобати носолим роиҷ буда, чунин ҳолат «табъи дил»- и гурӯҳҳои манфиатдор аст, асос дорад?**

- Бале. Боиси нигаронист, ки ҷавонони зери таъсири ҳаракати ифротгароии динии салафия қарордошта ба ҳадде ифротгарою тундрав шудаанд, ки онҳо обрӯю нуфузи уламои анъанавии ҷомеаи тоҷикро ба назар намегиранд. Аксар ҷавонони муосир, ки зери таъсири салафиҳо мондаанд, муллоҳои солорро барои надоштани дониши кофӣ ва дур шудан аз муборизаҳои сиёсӣ таънаю маломат мекунанд.

Бахусус, насли ҷавони уламои дин, ки дар мактабҳои динии кишварҳои исломии Шарқи Наздик таҳсил гирифтаанд, уламои анъанавии диниро барои фармонбардории аз ҳад беш аз қонунҳои давлат ва ҳукумат ба бесалоҳиятӣ гунаҳкор мешуморанд. Ба назари онҳо, беҷуръатии омиёнаи ходимону уламои динӣ сабаби асосии ба сатҳи паст фаромадани донишу тарбияи динии аҳолӣ мебошад. Уламои ҷавони ҷаҳонбинии ифротидошта (дар давраи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ) асосан таҳти таъсири қувваҳои беруна ва идеологияи ташкилотҳои динӣ - сиёсии «Ихвон ул - муслимин», ваҳҳобиён ва ғайра тарбия ёфтаанд.

Эътироф бояд кард, ки аксари рӯҳониён дар бораи мафҳуми озодии виҷдон ва кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва шаҳрванд маълумоти комил надоранд. Бинобар бетафовутии як қисми онҳо мустаҳкамнамоии «эътиқод» ва зиёд намудани пайравон ба воситаи таҳқири пайравони дигар дину мазҳабҳо маъмул ва муҳити динӣ аз лиҳози паҳншавии тундгароии динӣ ва экстремизм осебпазир аст.

Аз ин лиҳоз, ходимони диниро зарур аст, ки пайваста ташвиқу тарғиби арзишҳои миллиро дар воситаҳои ахбори омма ва мулоқоту вохӯриҳо ба роҳ монда, барои пешгирии даъватҳои оммавии ба амал баровардани фаъолияти ифротӣ, ки аз тариқи сомонаҳои интернетӣ паҳн карда мешаванд, вокуниш намоянд.

Барои таҳкими нақши иттиҳодияҳои динӣ дар пешгирии тундгароии динӣ ва экстремизм лозим аст, ки бозомӯзӣ ва такмили сатҳи донишу ихтисоси кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин доир ба пешгирии тундгароии динӣ ва экстремизм пайваста ба роҳ монда, механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи ташхисгарон вобаста ба ташхиси давлатии диншиносӣ муқаррар гардад.

Зарур аст, ки мақомоти дахлдор муҳтавои матолиби диниро дар воситаҳои ахбори омма бо мақсади пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва бадбинии динию мазҳабӣ, ки ба амнияти давлату миллат таҳдид менамояд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиддитар танзим намоянд.

**- Ин намуди ифротгарой кай пайдо шуд?**

- Нахустин ҳаракатҳои динӣ-сиёсӣ дар ҷаҳони ислом пас аз фавти Паёмбар Муҳаммад, замоне ки мубориза барои мероси сиёсӣ ва динӣ оғоз ёфт, пайдо шуданд. Тибқи ақидаи муҳаққиқи рус И. П. Петрушевский, ҳаракатҳои тундрав ва динии ифротгаро дар олами ислом ҳангоми ҳукмронии Аббосиён пайдо шуданд. Дигар муҳаққиқон ба ин андешаанд, ки ин ҳаракатҳо баъд аз вафоти халифа Умар ба вуҷуд омадаанд.

Дар заминаи пажӯҳишҳои минбаъда собит гардид, ки дар ин маврид хулосаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар бобати он ки «нахустин равияҳои динӣ - сиёсӣ ва ифротгарой дар ислом дар давраи ҳукмронии сулолаи Уммавиён пайдо шудаанд», раднопазир аст. Равияи аз ҳама машҳури ин сулола хавориҷиён, хуррамиён ва қарматиён ба шумор мерафтанд. Омӯзиши вазъи асосии ақоиди қарматиён ба аксар муҳаққиқон имкон дод, ки ин равияро ҳамчун равияи «инқилобгар» ва ҳатто «сотсиалистӣ» маънидод намоянд, ки ҳадафи он барҳам додани истисмори одам ба ҳисоб меравад.

Ифротгароии динӣ - сиёсӣ таърихан бо пайравони дину мазҳабҳои дигар дар ҳолати ҷангу рақобат қарор доранд. Ҳаракатҳои ифротию террористӣ субъекти фаъолияти ифротгароии динӣ - сиёсиро ташкил медиҳанд ва онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аҳкоми диниро асос намуда, одамони бегуноҳ ва пайравони тамаддун, дину мазҳабҳои дигарро ҷисману рӯҳан нобуд намоянд.

Мақсади дигари ифротгароёни динӣ ва ҳаракатҳои ифротгарой дар он зоҳир мешавад, ки ҷомеа ва давлатҳои дунявиро барҳам дода, ба ҷойи онҳо низом ё сохтори давлатдории динию теократиро бунёд созанд. Ифротгароие, ки ба ислом ва дигар динҳо нисбат медиҳанд, дур шудан аз дин ва гузариш ба сиёсат аст. Ба ибораи дигар, ки дар замони муосир ҳаракатҳои ифротию террористӣ, ки дини исломро ба сифати идеология истифода мебаранд, хеле зиёд гаштаанд.

Ҳадафи ин тоифа барқарор намудани чунин сохти давлатии давраи асримиёнагист, ҳамчун хилофат, ки усулҳои панисломизм ва яккаҳукмрониро мавриди истифода қарор медиҳад. Онҳо давраи мавҷудияти хилофати исломиро давраи тиллоии диндорию давлатдорӣ мешумориданд ва кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки бо истифода аз усулҳои ифротию террористӣ онро дубора барқарор кунанд.

Дар маҷмӯъ, ифротгароии динӣ - сиёсӣ хатар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ҳатто боиси нигаронии ҷиддии абарқудратҳо гардидааст.

**Мусоҳиб**
**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**



# ДАР ҶОДАИ МУБОРИЗА УМРАШ СИПАРӢ ШУД

## (Дар робита ба романи «Кайфар» - и Диловари Мирзо)

**Романҳои таърихӣ барои бозгӯй намудан ва зинда нигоҳ доштани ҳофизаи таърихии ин ё он қавму миллат нақши бузург мебозанд. Нависанда бо истифода аз асноди таърихӣ марҳилаи мушаххаси замониро тавассути қувваи хаёл ва санъатҳои бадеӣ ба тасвир мекашад. Ҳодисаву воқеаҳои дар он даврон рухдодаро либоси бадеӣ мепӯшонад. Асари бадеии таърихӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки бо як даврони муҳими гузашта ошно гардад. Давроне, ки бо рух додани ҳодисаву воқеаҳои муҳим ба раванди ташаккул ва ё таназзули миллате таъсир гузоштааст. Ин гуна асарҳо дар адабиёти муосири тоҷик кам нестанд. Романҳои «Фирдавсӣ», «Восеъ», «Ривояти суғдӣ»- и Сотим Улуғзода, «Писари Худо»- и Сорбон, «Куруши Кабир»- и Бароти Абдураҳмон аз ҳамин қабиланд.**

Нависандаи маъруф Диловари Мирзо низ дар офаридани асарҳои таърихӣ дар адабиёти тоҷик нақши босазо дорад. Романи «Кайфар»- и ӯ аз ҷумлаи осори пурарзиши нависанда аст, ки аз рӯзгори аввалин сарвари Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Нусратулло Махсум қисса мекунад.

Он ду давраи таърихӣ – даврони то Инқилоби Октябр ва баъди онро фаро мегирад. Нависанда кӯшидааст дар қисмати аввали роман муҳити аморати Бухоро, хонигарии Хуқанд ва зиндагии мардуми Қаротегинро дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тасвир намояд.

Муаллиф асарро бо услуби хос оғоз карда, симои пири қиссагӯеро меофарад, ки вай ба сомеони хеш дар бораи Баҳроми Гӯр, Рустами Дастон, Амир Ҳамза, Амир Арслон нақлҳои ҷолиб мекунад. Аз қаҳрамониҳои онҳо мегӯяд. Одамон бо шавқ қиссаҳои муаллими пирро гӯш мекунанд. Рӯзе ӯ ба сомеонаш мегӯяд: «Дар бораи Нусратулло Махсум қиссае шунидаед? Магар медонед, ки ҳамроҳи чанд тан аз ёрони хеш рисолатеро ба дӯш гирифт, ки танҳо бадали ҷонфидоӣ иҷрояш мумкин буд… Онҳо бо ҳамин рисолат ба олами ҳастӣ омаданд. Омаданд, ки ормонҳои дили ниёгони хешро амалӣ созанд. Тоҷикро соҳибдавлату соҳиббахт намоянд».

Нависанда ноаён ба торҳои дили хонанда нохун мезанад, эҳсоси худогоҳӣ, тоҷикият, муҳаббати Ватанро дар вуҷудаш бедор месозад.

Аз ибтидо то интиҳои роман ҳамин эҳсосот чун хати сурхе мегузарад ва дар меҳвари тафаккур ва андешаи қаҳрамонони он худшиносии миллӣ, бунёди давлати миллӣ хеле барҷаста нишон дода мешавад.

Бо хондани роман дар пеши чашмони мо зиндагии мардуми Қаротегин дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX ҳувайдо мегардад. Дар ин мавзеъ дар деҳаҳои Шингилич, Ғарм, Ярхич мадрасаҳое вуҷуд доранд, ки дар он олимони маъруф дарс мегӯянд. Фарзандони водии Рашт дар кишварҳои Ҳиндустон, Афғонистон, Бухорову Самарқанд таҳсил мекунанд. Онҳо чароғи илму маърифатро дар зодгоҳи хеш равшан нигоҳ медоранд. Бо хондани романи «Кайфар» маълум мегардад, ки Қаротегин як гӯшаи ободу маъмур аст, мардуми озодаву сарбаланд, озодихоҳу ватанпарвар он ҷо зиндагӣ мекунанд. Аммо ҷабру зулми амирону мансабдорон сокинони ин мавзеъро ба ҷон овардаву онҳоро муътариз гардонидааст.

Дар чунин шароит дар деҳаи Чашмаи Кӯзӣ Нусратулло ба дунё меояд. Падари донишманду фозилаш ӯро аз наврасӣ ба «Шоҳнома»-хонӣ ҳидоят месозад. Ба ӯ дарси мардонагию шуҷоат меомӯзад.

Мардуми Қаротегин аз дасти ҳокимони манғит дар азоб буданд. Онҳо яке паси дигаре иваз мешуданд ва бинои зулмро баландтар мебардоштанд, сокинони водии Раштро ғорат мекарданд. Мардум аз нодориву ночорӣ ба мардикорӣ мерафтанд. Нусратуллои ҷавон ҳам шаҳди муҳоҷиратро мечашад. 16-сола буд, ки ба Хӯқанд рафт, дар фабрикаи Рабинский ба кор даромад. Нависанда рӯҳияи мардикорони кӯҳистонро дар ғурбат ин гуна тасвир менамояд: «Дар ғурбат бачаҳо зуд ба воя мерасиданд. Ҷаҳонбиниашон васеъ мешуд. Сиёҳро аз сафеду шабро аз рӯз фарқ мекарданд. Нусратулло яке аз онҳо буд».

Ба рушди шахсияти қаҳрамони роман ҳамчун як инсони бедор ва муътаризи зидди зулму истибдод нақши коргарони рус, хусусан Иванови петербургӣ, калон аст. Мутолиаи рӯзномаҳои инқилобӣ низ ба тафаккури ӯ таъсир мерасониданд. Нависанда ҳаёти индавринаи қаҳрамони худро хеле равшану возеҳ ба тасвир мекашад. Ширкати ӯро дар мавҷи эътирозҳои соли 1905 барҷаста нишон медиҳад. «Нафраташ ба ҳукуматдорону сарватмандон, ки нисбат ба мардуми камбағал бепарвоӣ мекарданд, бештар мешуд. Мехост неруву тавонеро соҳиб бошад, ки барои аз по афкандани тӯдаи золим басанда бошад. Дигар хоҳиши бо ин сохт ва бо ин давлату ин сарварон созиш карданро надошт».

Нусратулло вақте аз мардикорӣ баргашт, инсони дигар буд. Ӯ ба сокинони зодгоҳ аз муборизаи озодихоҳонаи русҳо мегуфт: «Мардумро ба муборизаи зидди золимон гӯё даъват мекард. Дар колбади ҷавону зебои вай як марди миёнсоли дунёдидаву таҷрибаандӯхта, донишманду ботамкин, дурандешу оташинсухан, боиродаву дурбин ворид шуда буд».

«Кайфар» асари мустанад аст. Диловари Мирзо баъд аз омӯхтани осори фаровони таърихӣ ҳодисаву воқеаҳои замони мавриди назари худро омезиш дода, ба хонанда асареро пешниҳод мекунад, ки ривояте аз таърихи воқеии халқи тоҷик аст. Дар он муборизаи мардум бар зидди золимон хеле равшан инъикос мегардад. Яке аз қаҳрамонони асар Қаландаршоҳ паҳлавону диловар аст. Вай содалавҳона меандешад, ки аз бедодгарии ҳокимони маҳаллӣ амири Бухоро хабар надорад ва агар ӯ ба додхоҳӣ равад ва ҳақиқати ҳолро ба амир бигӯяд, вай вазъиятро ислоҳ месозад. Бо ҳамин бовар ба Бухоро меравад, аммо амир баъди арзи ӯро шунидан мегӯяд: «Ин дохундаи аблаҳро, ки дар ҳаққи ғуломони содиқи мо бадгӯӣ кард, ба Обхона партоед. Бигузор як муддат ҳамон ҷо хоб раваду дониста гирад, ки дар ҳаққи мардони содиқи давлати Бухоро ғайбат намудан чӣ оқибат дорад». Ӯ шаш моҳ дар зиндон азоб мекашад. Баъд аз ба зодгоҳаш баргаштан ҳамроҳи дӯсташ Одинаи лучак дар Қалъаи Лаби Об шӯриш мебардорад.

Образи Қаландаршоҳ, ки марди якрӯву росткор ва адолатхоҳ аст, аз образи Нусратулло Махсум комилан фарқ дорад. Ҳарчанд ҳар ду ба хотири пойдории адолат мубориза мебаранд, аммо роҳу равиши Нусратулло комилан нав аст, вай дар кӯраи муборизаи синфӣ обутоб меёбад, роҳҳои гуногуни ба ҳадаф расиданро таҷриба мекунад, муборизаи озодихоҳонаи русҳо барояш дарси ибрат мешавад. Аммо Қаландаршоҳ барин қаҳрамонон фикр мекунанд, ки бо барканор кардани ҳоким метавонанд адолатро барқарор созанд. Нусратулло Махсум бошад, комилан барҳам додани бунёди истибдодро ҳадафи хеш қарор медиҳад.

Нависанда дар романи «Кайфар» тавассути образҳои Нусратулло Махсум, Ширшоҳ Шоҳтемур ва Мунаввар Шогадоев симои инсонҳои навро ба намоиш мегузорад. Онҳо на танҳо муборизони роҳи озодиву адолат ҳастанд, балки ватандӯстиву худшиносии миллӣ ва таърихи халқу Ватан барояшон арзишманд мебошад. Ин қаҳрамонон дар баробари давронсозӣ давлатсозӣ мекунанд ва ормонҳои ҳазорсолаи қаландаршоҳҳову одиналучакҳоро амалӣ мегардонанд.

Аз ин назар ғояи асар хеле пурқувват ва муҳим буда, эҳсоси ватандӯстии хонандаро тақвият мебахшад.

Диловари Мирзо ба вуҷуд омадани инқилобро тавассути русҳо дар аморати Бухоро хеле воқеъбинона тасвир менамояд. Омадани болшевикҳо ба водии Рашт, мубориза бар зидди онҳо, барқарор кардани Ҳокимияти Шӯравиро бо санадҳои дақиқ бозгӯй месозад. Муборизаи ду сохтро, бартариву иштибоҳашонро ба риштаи тасвир мекашад. Вақте аскарони сурх ба Ғарм омада, он ҷо ҳокимияти навро барқарор месозанд, мири Мастчоҳ писараш Абдулҳафизро бо ду ҳазор сарбоз ба Ғарм мефиристад, аммо ӯ дар баробари аскарони сурх шикаст мехӯрад. Баъд аз мағлуб гаштани сарбозони Абдулҳафиз аскарони сурх ба бедодгарӣ мепардозанд: «Ва он лаҳза, ки зиндамондаҳо гурехта, аз дами шамшер ҷон ба саломат бурданд, аскарони сурх ба иштибоҳ роҳ доданд, ки дар оянда барои онҳо гарон афтод. Аз нашъаи зафар маст ба деҳаҳо даромаданд. Баъзе аз сарбозон ба номуси занону духтарон дастдарозӣ карданд. Мардони маҳаллиро парронданд ва амволи эшонро ғорат карданд. Чандин хонаҳоро дар атрофи шаҳраки Ғарм оташ заданд».

Дар чунин вазъият Нусратулло Махсум дар баробари бедодии аскарони сурх меистад ва онҳоро аз роҳи бад мегардонад. Образи ин марди шуҷоъ комилан миллист. Вай ҳамеша дар бораи мардум, дар бораи Тоҷикистон ваояндаи он меандешад. Нависанда кӯшидааст, ки дар романи хеш аз ҳақ нагзарад ва рафтори мусбату манфии болшевекону босмачиҳоро баробар нишон диҳад.




Қисмати дуюми роман, ки даврони оғози Ҳокимияти Шӯравиро дар Тоҷикистон дар бар мегирад, бештар ҷанбаи мустанад дорад. Дар ин даврон Нусратулло Махсум вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи марказии ҷумҳуриро ба уҳда дорад ва ба таври хастагинопазир паи корҳои ободонист. Нависанда барои он, ки корҳои анҷомдодаи қаҳрамони марказии асарро нишон диҳад, кӯшидааст бештар ба санадҳо такя созад ва бо ҳамин хидматҳои Нусратулло Махсумро барҷаста гардонад. Масалан, вақте дар бораи муҳоҷират ба водии Вахш ва аз худ кардани заминҳои бекорхобида сухан ба миён меояд, дар асар ба арқоми зерин дучор меоем: «Соли 1931 дар маҷмӯъ 12194 хоҷагӣ дар водии Вахш аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ муқим гардид. Дар анҷоми панҷсолаи якум миқдори заминҳои кишт дар ҷумҳурӣ ба 801,1 ҳазор гектар расид. Соли 1932 дар ҷумҳурӣ 506 ҳазор сентнер пахта истеҳсол ва ҷамъоварӣ карда шуд».

Ин кори нависанда далел ба он аст, ки на танҳо ҳаёт ва муборизаҳои Нусратулло Махсумро хуб омӯхтааст, балки ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии он давронро пурра фаро гирифтааст. Ҳамин тавр, романи мустанади «Кайфар» ҳам аз назари бадеият ва ҳам аз нигоҳи ҳуҷҷатӣ дорои аҳамияти хос мебошад.

Нусратулло Махсум ҳам қурбони дасисаҳои бадхоҳон шуд, вале номи ӯву кори ӯ ҷовидонист. Ин ҳақиқатест, ки Диловари Мирзо бозгӯйӣ намуда, кору пайкори қаҳрамонашро ҷовидонтар гардонидааст. Қаҳрамоне, ки дар ҷодаи мубориза умраш тамом шуд.

Романи «Кайфар», воқеан ҳам, бо ғояи баланди хеш асари хонданиву ба ёд мондaнист. Месазад, ки он барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ гардад.

**ВОРИС,**
**шоир, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

---

**Ба гуфти мутасаддии бахши боғу токпарварии Раёсати кишоварзии шаҳри Ҳисор Раҳматулло Тӯрдаев, боғпарварони Ҳисор ба бунёди боғҳои нав, корҳои агротехникии башаклдарорӣ машғуланд.**

# ГАРОНАРЗИШ, АММО ФОИДАОВАР

Номбурда иброз дошт, ки боғпарварон бештар ба бунёди боғҳои интенсивӣ мароқ зоҳир менамоянд, зеро ин шакли боғ назар ба боғи анъанавӣ нисбатан серҳосил ба ҳисоб меравад.



Бино ба таҳлили мутахассиси соҳа, дар як гектар боғи интенсивӣ имкони парвариши ду ҳазор бех дарахт мавҷуд аст. Агар аз як гектар боғи анъанавӣ 150 сентнер ҳосил гирифтан мумкин бошад, пас аз як гектар боғи интенсивӣ то 450 сентнер ҳосил гирифтан имконпазир аст.

Имсол дар заминҳои лалмии хоҷагиҳо 76 гектар боғи интенсивӣ бунёд гардид, ки дар 50 гектари он усули обмонии қатрагӣ истифода мешавад.

Дар боғҳои интенсивӣ асосан ниҳоли зардолу, себ, олу ва шафтолу шинонда мешаванд, ки боиси фаровонии меваҷоти хушсифат дар бозорҳо гардид.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

---

# АРҶГУЗОРИИ ЗАҲМАТИ ҚАҲРАМОНИ АРСАИ МЕҲНАТ

**Бо иқдоми ҶСК «Энаҷон Бойматова»- и шаҳри Конибодом ба муносибати 100 - солагии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Энаҷон Бойматова маҳфили ёдбуд баргузор шуд.**

Баъд аз бардоштани парда аз нимпайкараи қаҳрамони арсаи меҳнат раиси шаҳри Конибодом Абдусалом Тӯхтасунзода аз корномаи ин бонуи заҳматпеша ёдовар шуда, минҷумла гуфт: «Энаҷон Бойматова ба шарофати меҳнати ҳалолу поквиҷдонона ба гирифтани 5 ордени Ленин (1948, 1954, 1960, 1973, 1977), даҳҳо медалу орденҳои дигар ва ниҳоят ба унвони олии соҳаи меҳнат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1960) мушарраф шудааст».

- Аз колхозчии одӣ то раисии колхоз расидан, ки онро 28 сол ба зимма дошт, далели раднопазири меҳнатдӯстиву поквиҷдонӣ ва садоқат ба Модар - Ватан аст, - гуфт нотиқ.

Сардори Сарраёсати кишоварзии вилоят Маъруфҷон Шарифиён номаи муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзодаро ба муносибати 100 - солагии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Энаҷон Бойматова ба самъи ҳозирин расонд.

Дар маҳфили мазкур ходимони ҷамъиятиву давлатӣ ва ҳамсафону шогирдони Энаҷон Бойматова сухан карда, хотираҳои худро аз рӯзҳои ҳамкориашон бо раисаи номдор нақл карданд.

Раиси хоҷагӣ Шарифҷон Солизода, аз ҷумла чунин гуфт:

- Ифтихор мекунам, ки роҳбарии ин хоҷагӣ ба зиммаи ман аст. Аҳд кардем, ки шуҳрати хоҷагиамонро, ки замони сарварии Энаҷон Бойматова то 4000 тонна «тиллои сафед» истеҳсол кардааст (1980), барқарор кунем.

Фарзанди қаҳрамони матлаб Дилбархон Холматова барои қадршиносии заҳмати модараш ба роҳбарияти мамлакат, вилояту шаҳри Конибодом ва садорати хоҷагӣ арзи сипос намуд.

Дар фарҷом ҳунармандони Театри драмавии шаҳри Конибодом саҳнаро аз рӯзгори Энаҷон Бойматова намоиш доданд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

---

# ТУХМИИ БОСИФАТ ОМИЛИ ФАРОВОНҲОСИЛИСТ

**Дар хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2021 таҳти №117 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тадбирҳои саривақтӣ андешидаанд.**



Ин барнома ба «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» асос ёфта, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироати кишоварзӣ роҳандозӣ гардидааст.

Алҳол, дар стансияҳои навъсанҷии шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Истаравшан, Панҷакент ва Бобоҷон Ғафуров 16 навъи пахта, 5 навъи гандум, 4 навъи ҷуворимакка барои дон, 8 навъи картошка, 2 навъи офтобпараст, 2 навъи нахӯд, 2 навъи юнучқа ва 3 навъи хурмо мавриди санҷиш қарор дорад.

Дар самти картошкапарварӣ низ дар вилоят як қатор корҳо ба сомон расиданд. Саҳми хоҷагиҳои тухмипарварии Кооперативи тиҷоратии «Хоҷаҳо», «Овчӣ - Ғончӣ» ва ба номи Ҳотам Қурбонови ноҳияи Деваштич, инчунин хоҷагиҳои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, дар самти таъминоти шаҳру ноҳияҳо бо тухмӣ назаррас мебошад.

Дар вилоят се хоҷагии махсуси тухмипарварӣ - кооперативҳои тиҷоратии «Чоркӯҳ»-и шаҳри Исфара, «Нуробод» ва «Саидқурғон»-и ноҳияи Спитамен барои таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо гандуми тухмии хушсифат саҳми босазо мегузоранд.

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар машварати корӣ масъулини соҳа ва раисони шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуд, ки барои фаъолияти пурсамари хоҷагиҳои тухмипарварӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии онҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии зироат тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

---

**Тавре аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб иттилоъ доданд, алҳол дар Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» 7 субъект, аз ҷумла ҶДММ «Тоҷик Алмос», ҶДММ «Кӯлоб Агросаноат», ҶДММ «Кӯлоб Пласт», ҶДММ «Растанӣ Инно», ҶДММ «Сомон Трейд», ҶДММ «Ваҳдат Металл» ва ҶДММ «Саноат Сино» ба қайд гирифта шудааст.**

Аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Кӯлоб Агросаноат», ки субъекти дуюми Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ба шумор меравад, корҳои сохтмони дар корхонаи истеҳсоли равған, набот, коркард ва бандубасти намаки ошӣ оғоз гардид. Маблағи сармоягузорӣ барои эъмори корхонаи мазкур 3,4 миллион сомониро ташкил дода, иқтидори солонаи истеҳсолии он 60 тонна набот, 150 тонна равған ва 5 ҳазор тонна намаки ошӣ аст. Дар назар аст, ки 40 нафар бо ҷои кор таъмин шаванд.

Бо ибтикори соҳибкори маҳаллӣ Ҳадисиддин Икромов ҶДММ

# МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ» СОКИНОНРО БО КОР ТАЪМИН МЕКУНАД



«Кӯлоб Пласт» дар Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ба қайд гирифта шудааст, ки самти фаъолияташ истеҳсоли маҳсулоти пластмассӣ мебошад. Ҳадафи асосии ин иқдом истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда аст. Маблағи барои бунёди корхона пешбинишуда 3,6 млн. сомониро ташкил дода, иқтидори истеҳсолии он дар як сол то 6 ҳазор дона маҳсулоти пласмассӣ мебошад. Дар сурати пурра ба кор даромадани корхона 15 мутахассиси маҳаллӣ соҳиби ҷои кори доимӣ мешаванд.

Бо мақсади иҷрои Нақша - чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти олии мамлакат барои бунёди корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» дархостҳои нав барои лоиҳаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ омода гардид.

Корхонаҳои истеҳсоли хӯроки биологии чорво, коғаз, сангҳои ороишӣ, коркарди пӯст ва истеҳсоли пойафзол, васлу насби лифт, маркази логистикӣ, истеҳсоли маводи шустушӯӣ, куртаҳои мардона, орд ва макарон, нӯшокиҳои ташнагишикан ва шарбати мева, газвор, коркарди пашм, сардхона, истеҳсоли равғани растанӣ, лампаҳои каммасраф, зарфҳои шишагин, маҳсулоти сохтмонӣ, сӯзандору, коркарди меваю сабзавот ва бофандагӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру деҳоти Кӯлоб 14 коргоҳи саноатӣ, аз ҷумла ҶДММ «Закияи Муҳаммммадҷон» (истеҳсоли хишти пухта), ҶДММ «Орзуи кӯдакон» (истеҳсоли бозичаҳои кӯдакона), ҶДММ «Майрамбибӣ», ҶДММ «Шарипов Шарифхон», ҶДММ «Фотимаи Ҷумъахон» (истеҳсоли хишти бетонӣ), ҶДММ «Ҳоҷи Шералӣ» (истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ), ҶДММ «Дунёи Абдулло» (истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ), ҶДММ «Ифтихор Алӣ» (истеҳсоли мебел), ҶДММ «Қурбонов Солеҳ» (истеҳсоли қанди сафед), ҶДММ «Зубайраи Азиз» (истеҳсоли мебел), ҶДММ «Маҷид» (истеҳсоли сафолак), ҶДММ «Абдулло Сафар», ҶДММ «Холзода Абдулло» (истеҳсоли гаҷ) ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки дар онҳо теъдоди зиёди сокинони шаҳру деҳоти Кӯлоб бо ҷои кор таъмин гардиданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

---

# АГАР МАҲСУЛОТ КОРКАРД ШАВАД...

**- Таъмини амнияти озуқаворӣ ҳадафи стратегӣ буда, дар ин самт дар ноҳияи Рашт тадбирҳои зиёд андешида мешавад, - иброз дошт муовини раиси ноҳия Саидбег Идибегзода.**



Дар ноҳия 4649 гектар замини корам мавҷуд буда, аз он 3339 гектар обӣ мебошад. Дар асоси нақшаи дурнамое, ки Вазорати кишоварзӣ тасдиқ кардааст, имсол бояд дар 3123 гектар, аз ҷумла 932 гектар ғалладонагии баҳорӣ, 417 гектар зироати равғандеҳ, 1500 гектар картошка, 250 гектар сабзавот ва 24 гектар зироати хӯроки чорво, кишт шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки кишоварзони ноҳияи Рашт дар 769 гектар кишти тирамоҳии ғалладонагиҳоро гузарониданд, ки аз нақша 2 гектар зиёд мебошад. Баҳори соли ҷорӣ дар 636 гектар ғалладонагӣ, беш аз 300 гектар картошка, 192 гектар зироати техникӣ, 24 гектар зироати хӯроки чорво гузаронида, 17,52 гектар боғи нав бунёд гардид.

- Меҳнаткашон дар баробари растанипарварӣ ба соҳаи чорводорӣ низ машғуланд. То 1-уми апрели соли равон дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия саршумори чорвои калон 101 ҳазору 636 сарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5347 сар зиёд мебошад.

Саршумори моли майда 253 ҳазору 877 сар буда, дар қиёс ба соли гузашта 5081 сар зиёд мебошад, - гуфт ҳамсуҳбати мо.

Ҳамчунин, хоҷагиҳои ноҳия дар ихтиёри худ 2002 сар асп, 124 ҳазору 195 сар мурғ ва 22 ҳазору 831 оилаи занбӯри асал доранд.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар се моҳи аввали соли ҷорӣ истеҳсоли гӯшт 327,1 тонна (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31 тонна зиёд), шир 3332 тонна (дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 198 тонна зиёд), тухми мурғ 917 ҳазор дона (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,9 ҳазор дона зиёд) мебошад.

Дар идомаи суҳбат зикр шуд, ки дар ноҳия аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ имкони ташкил кардани фермаҳои хурди чорворо доранд. Дар ин замина имкон аст, ки саршумори чорво ва истеҳсоли гӯшту шир зиёд гардад.

- Мушкилоти асосии соҳаи чорводорӣ набудани нуқтаи замонавии коркарди гӯшту шир мебошад, - гуфт муовини раиси ноҳия.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

---

# ШУМОРАИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ИСТАРАВШАН АФЗУД



**Дар шаҳри Истаравшан 77 корхонаи калону хурди истеҳсолӣ фаъолият мебарад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27-то зиёд мебошад. Дар онҳо истеҳсоли моеи хунуккунанда, маҳсулоти дӯзандагӣ, равғани растанӣ, мебел ва ғайра ба роҳ монда шудааст.**

Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ташкили 60 корхонаи калон ва хурду миёна ва дар 5 соли минбаъда фароҳамсозии 1000 ҷойи нави кор ба нақша гирифта шудааст.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар се моҳи аввали соли ҷорӣ ба 176 млн. 511,7 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 млн. 932 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 125,6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 29 корхонаи саноатии истеҳсолӣ нақшаро иҷро карда, 11 корхона тибқи уҳдадории қабулнамуда истеҳсолро зиёд гардониданд.

**Комрони АСЛОН, «Садои мардум»**

# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ФОНДИ БОЗТАМВИЛ»

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2022

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МАҶМӮЙ
*(бо ҳисоби сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Соли 2022 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ ва ба он монанд | 6 | 14,041,689 | 9,242,681 |
| **ДАРОМАДҲОИ СОФИ ФОИЗӢ** | | **14,041,689** | **9,242,681** |
| Хароҷотҳои комиссионӣ ва ба он монанд | 7 | (30,126) | (24,392) |
| **ХАРОҶОТҲОИ СОФИ КОМИССИОНӢ** | | **(30,126)** | **(24,392)** |
| Хароҷотҳо барои музди меҳнати кормандон | 8 | (3,722,075) | (3,356,549) |
| Хароҷотҳо оид ба истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 14 | (51,511) | (105,327) |
| Хароҷотҳо оид ба истеҳлоки доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 15 | (511,948) | - |
| Хароҷотҳои дигар | 9 | (716,284) | (772,024) |
| **ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **9,009,745** | **4,984,389** |
| Андоз аз фоида | 10 | (1,793,469) | (1,703,807) |
| **ФОИДАИ СОЛОНА** | | **7,216,276** | **3,280,582** |
| Даромади дигари маҷмӯӣ | | - | - |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МАҶМӮӢ** | | **7,216,276** | **3,280,582** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Фонд 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст:

**Раҳмонзода Шариф**
**Раиси Раёсат**

**Негматов Тоҷиддин**
**Директори молиявӣ**

### ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
*(бо ҳисоби сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2022 | 31 декабри соли 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 11 | 197,516,842 | 232,311,061 |
| Воситаҳо дар бонкҳои дигар ва ташкилотҳои молиявӣ | 12 | 26,577,016 | - |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 13 | 148,285,650 | 124,009,220 |
| Пешпардохт оид ба андоз аз фоида | | 113,681 | 618,228 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 14 | 228,734 | 192,710 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 15 | 982,754 | - |
| Дороиҳои дигар | 16 | 40,474 | 430,355 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **373,745,151** | **357,561,574** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | | |
| Воситаҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | 11 | 30,492,596 | 59,068,040 |
| Уҳдадориҳо оид ба иҷора | 15 | 996,853 | - |
| Уҳдадориҳои дигар | 17 | 205,918 | 87,196 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО** | | **31,695,367** | **59,155,236** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Захираи умумӣ | 18 | 10,796,072 | 7,515,490 |
| Захира барои амалиётҳои оянда | 18 | 324,093,936 | 287,610,266 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 18 | 7,159,776 | 3,280,582 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **342,049,784** | **298,406,338** |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **373,745,151** | **357,561,574** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи Роҳбарияти Фонд 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст:

**Раҳмонзода Шариф**
**Раиси Раёсат**

**Негматов Тоҷиддин**
**Директори молиявӣ**

### ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ
*(бо ҳисоби сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Захираи умумӣ | Захира барои амалиётҳои оянда | Фоидаи тақсимнашуда | ҲАМАГӢ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ба санаи 1 январи соли 2021** | **18** | **5,136,128** | **220,107,703** | **2,379,362** | **227,623,193** |
| Ташаккулёбии захираи умумӣ | | 2,379,362 | - | (2,379,362) | - |
| Баргардонидани маблағҳо | | - | 67,502,563 | - | 67,502,563 |
| Фоида барои давра | | - | - | 3,280,582 | 3,280,582 |
| **Ба санаи 31 декабри соли 2021** | **18** | **7,515,490** | **287,610,266** | **3,280,582** | **298,406,338** |
| Тасҳеҳи бақияи ибтидоӣ | | - | - | (56,500) | (56,500) |
| Ташаккулёбии захираи умумӣ | | 3,280,582 | - | (3,280,582) | - |
| Баргардонидани маблағҳо | | - | 36,483,670 | - | 36,483,670 |
| Фоида барои давра | | - | - | 7,216,276 | 7,216,276 |
| **Ба санаи 31 декабри соли 2022** | **18** | **10,796,072** | **324,093,936** | **7,159,776** | **342,049,784** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Фонд 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст:

**Раҳмонзода Шариф**
**Раиси Раёсат**

**Негматов Тоҷиддин**
**Директори молиявӣ**

### ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
*(бо ҳисоби сомонӣ)*

| | Соли 2022 | Соли 2021 |
|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | |
| Фоида то андозбандӣ | 9,009,745 | 4,984,389 |
| **Тасҳеҳҳо ба:** | | |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | 51,511 | 105,327 |
| Истеҳлоки доройӣ дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 511,948 | - |
| Хароҷотҳои молиявӣ оид ба иҷора | 150,724 | - |
| **Воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйирёбии дороиҳо ва уҳдадориҳои амалиётӣ** | **9,723,928** | **5,089,716** |
| **Тағйирёбии дороиҳо ва уҳдадориҳои амалиётӣ:** | | |
| Камшавӣ /(зиёдшавии) маблағҳо дар дигар бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | (26,577,016) | - |
| Камшавӣ /(зиёдшавии) қарзҳои ба мизоҷон додашуда | (24,276,430) | (62,133,741) |
| Камшавӣ /(зиёдшавӣ) дар иҷора | (56,500) | - |
| Камшавӣ /(зиёдшавӣ) дар дороиҳои дигар | 389,881 | (10,478,485) |
| (Камшавӣ)/зиёдшавии маблағҳои бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ | (28,575,444) | 10,225,292 |
| (Камшавӣ) /зиёдшавии уҳдадориҳои дигар | 118,722 | (2,609) |
| **Содироти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ** | **(69,252,859)** | **(57,299,827)** |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | (1,288,922) | (1,583,961) |
| **Содироти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **(70,541,781)** | **(58,883,788)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (87,535) | (36,933) |
| **Содироти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(87,535)** | **(36,933)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Афзоиши захираҳо | 36,483,670 | 69,881,925 |
| Пардохтҳои иҷора | (648,573) | - |
| **Воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **35,835,097** | **69,881,925** |
| **ЗИЁДШАВӢ / (КАМШАВИИ) ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО** | **(34,794,219)** | **10,961,204** |

### ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ)
*(бо ҳисоби сомонӣ)*

| | | |
|---|---|---|
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 232,311,061 | 221,349,857 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар охири сол** | **197,516,842** | **232,311,061** |

Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Фонд 28 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст:

**Раҳмонзода Шариф**
**Раиси Раёсат**

**Негматов Тоҷиддин**
**Директори молиявӣ**

# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «НУРИ ҲУМО»

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2022

### ҲИСОБОТ ОИД БА МАҶМӮИ ДАРОМАД

Барои давраи ҳисоботӣ, ки 31-уми декабри соли 2021 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 701 504 | 1 655 016 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | (125 100) | - |
| **Даромади софи фоизӣ то ташаккул (барқароркунии) ФПТИ** | | **576 404** | **1 655 016** |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз ташкили ФПТИ** | | **-** | **(95 099)** |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташаккул (барқароркунии) ФПТИ** | | **576 404** | **1 559 917** |
| Фоида/зарар аз амалиётҳои асъорӣ | 5.1 | 48 858 | 589 750 |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизӣ | 5.1 | (24 978) | (53 194) |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.1 | (1 274 396) | (1 242 584) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(1 250 516)** | **(706 028)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайриамалиётӣ** | | **22 005 770** | **(412 451)** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **21 331 658** | **441 437** |
| Андоз аз фоида | 5.2 | (3 040 830) | (24 441) |
| **Фоидаи софи давра** | | **18 290 828** | **416 996** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | **-** | **-** |
| **Ҳамагӣ дигар даромади умумӣ** | | **-** | **-** |
| **Ҳамагӣ даромади умумӣ** | | **18 290 828** | **416 996** |

Директор Ҳомидов Ҳ. М.

Сармуҳосиб Ваҳобҷонов Ф.Х.

### ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2022

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 4.1. | 37 067 | 54 929 |
| Ҳисобҳо барои гирифтан аз дигар бонкҳо | 4.1. | 28 877 797 | 17 649 222 |
| Сандуқи қарзии соф | 4.2. | 3 653 478 | 12 537 806 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3. | 137 697 | 292 979 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3 | 127 563 | 262 253 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.4 | 82 849 | 112 407 |
| Пешпардохти андоз аз даромад | 4.5. | - | 2 229 670 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **32 916 450** | **33 139 266** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.6. | 462 766 | 268 587 |
| Уҳдадориҳои дигар | 4.7 | | - |
| **Ҳамаги уҳдадориҳо** | | **462 766** | **268 587** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Захираи умумӣ | | 58 170 | 234 690 |
| Захира барои амалиётҳоиояндаи Фонд | 4.6 | - | 32 218 993 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 4.7 | 14 104 686 | - |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.7 | 18 290 828 | 416 996 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **32 453 684** | **32 870 679** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **32 916 450** | **33 139 267** |

Директор Ҳомидов Ҳ. М.

Сармуҳосиб Ваҳобҷонов Ф.Х.

## БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415574 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири дохилии бинои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи академия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.05.2023 16:15:00 |
| 2 | 415589 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Роҳрав бо тахтасанг дар ҳудуди ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.05.2023 10:10:00 |
| 3 | 415581 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ - техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ноҳияи Данғара | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ ва электрикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 29.05.2023 11:59:41 |
| 4 | 415570 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бино дар назди Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварӣ»-и вилояти Суғд (корҳои барқтаъминкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.05.2023 13:20:20 |
| 5 | 415571 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонии чойхона: корҳои кандакории шифти даҳлез) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.05.2023 13:20:20 |
| 6 | 415572 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (корҳо дар самти таҷдид) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.05.2023 13:20:20 |
| 7 | 415567 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён» дар шаҳри Хуҷанд | Хамираи дандоншӯии яккарата | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.06.2023 15:20:20 |
| 8 | 415568 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №22»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 08.06.2023 15:20:20 |
| 9 | 415569 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и шаҳри Гулистон | Таъмири бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.06.2023 15:20:20 |
| 10 | 415573 | Муассисаи давлатии Хона-интернати беморони рӯҳии ноҳияи Ҷаббор Расулов | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 08.06.2023 16:41:00 |
| 11 | 415575 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №5»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.06.2023 16:45:45 |
| 12 | 415577 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод | Барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ ва пойгоҳҳои обкашии ноҳияи Файзобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.06.2023 16:50:00 |
| 13 | 415578 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ ва барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 08.06.2023 17:00:00 |
| 14 | 415576 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомобилҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 08.06.2023 17:07:37 |
| 15 | 415545 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.06.2023 17:10:20 |
| 16 | 415579 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 08.06.2023 17:28:00 |
| 17 | 415582 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, картриҷ, мебел, таҷҳизоти техникӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 83 | 09.06.2023 08:00:00 |
| 18 | 415588 | Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории бинои беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.06.2023 09:55:00 |
| 19 | 415583 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ, электрикӣ, шустушӯйӣ, қолин, рахти хоб, сачоқ, хӯрокворӣ моҳию паранда барои Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 141 | 09.06.2023 10:00:00 |
| 20 | 415584 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №36» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 09.06.2023 10:00:00 |
| 21 | 415585 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49 ба номи К. Хуҷандии Ҷамоати деҳоти Ёва | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 09.06.2023 10:00:00 |
| 22 | 415586 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №2»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 09.06.2023 10:00:00 |
| 23 | 415590 | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 09.06.2023 10:40:00 |
| 24 | 415592 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и шаҳри Хоруғ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.06.2023 14:00:00 |
| 25 | 415593 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и шаҳри Левакант | Сӯзишвории дизелӣ, асфалт, битум, масолеҳи сохтмонӣ ва аломати роҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 09.06.2023 14:50:35 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд

| № | Номгӯйи мансабҳои холӣ | Талаботи тахассусӣ | Музди меҳнат (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Сардори раёсати котибот | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 3300 |
| 2 | Муовини сардори Раёсати ҳуқуқ | Олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 2711 |
| 3 | Сардори шуъбаи молия ва хоҷагӣ | Олии иқтисодӣ, муҳосибӣ, бухгалтерӣ дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 2220 |
| 4 | Сармутахассиси Раёсати таҳлил | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 5 | Сармутахассиси Раёсати моликияти давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 6 | Сармутахассиси Раёсати сармоягузории давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 7 | Сармутахассиси Раёсати ҳуқуқ | Олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 8 | Сармутахассиси шуъбаи мониторинги санҷишҳои Раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 |
| 9 | Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшинос, сиёсатшинос, сотсиолог, омӯзгор, психолог, мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 10 | Мутахассиси пешбари шуъбаи дороиҳои давлатии Раёсати хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 |
| 11 | Мутахассиси шуъбаи хусусигардонӣ ва реструктуризатсияи Раёсати хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1112 |

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони раиси кумита;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- 4 дона сурат (2 дона 4х6, 2 дона 3х4);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- нусхаи СИН;
- маълумотномаи доғи судӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи дафтарчаи ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка) аз ҷойи кор.

Барои ишғоли мансабҳои сардори Раёсат 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, муовини сардори раёсат 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, сардори шуъба 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, сармутахассис 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, мутахассиси пешбар 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

Малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва барои ишғоли мансабҳои соҳаи сармоягузорӣ донистани забони хориҷӣ ҳатмист.

**Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо** 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27, шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуҷраҳои 49, 50).

**Телефонҳо барои тамос:** 221- 73- 36, 221 47- 68.

Маълумоти мукаммал дар сомонаи расмии кумита **www.investcom.tj** ҷойгир карда шудааст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 20 - уми июни соли 2023 музоядаи № 4-ро оид ба фурӯши иншоотҳои ғайриманқул барпо менамояд

**Ду адад ҳавз, деворҳои атрофи боғ, дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан, ки ҳамчун моликияти давлатӣ дар тавозуни собиқ ҶСК «Сафар» (айни замон ҶДММ «Сафар қанд»), воқеъ дар шаҳри Конибодом қарор доранд. Нархи ибтидоӣ - 250 000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон- 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроғаи корхона: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2 - юми «Маҷмааи амвол». Телефон: 221-73-74, факс: 221- 49-87. Музоядаи англисии № 1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд**

| № р/т | Номи ҷамъияти саҳомӣ | Суроға | Намуди фаъолият | Теъдоди саҳмияҳо дар 1 лот | Теъдоди лотҳо (дона) | Ҳаҷми 1 лот дар сармояи оинномавии ҶС бо % | Нархи ибтидоии лот (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Пахтаи Ҳисор» | Шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора | Қабул, коркард ва истеҳсоли нахи пахта | 235124 | 1 | 25 | 1 500 000 |

Музояда **20 - уми июни соли 2023 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** барпо мегардад. Барои иштирок шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондода дар рӯзи корӣ гузаронида шуда ва як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 98 аз 1-уми марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд. Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар низомнома нишондодаро пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ дар рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972910301000853, к/сч. 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро аз ҷониби ташкилкунандагони музояда бо телефонҳои Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба фурӯши амволи давлатӣ 221-73-74, 221- 49-87 ва сомонаи корхонаи мо **WWW. MUZOYADA-KVD.** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №72565 бо рақами кадастрии 67- 002- 000654- и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 15- уми сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 5- уми кӯчаи Х. Мирзоев, хонаи 13 ба Бобоҷонов Аҳтамхуҷа Маҳмадиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0091970, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози шаҳри Конибодом 9- уми ноябри соли 2007 ба ҶДММ «Тексимпорт» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда, муҳр ва шартномаи иҷораи гумшудаи ҶДММ «ИНВЕСТ ЛОТО» (РМА 040050298, РЯМ 0410029336) эътибор надоранд.

✓ Дипломи силсилаи ВСГ № 4124481 таҳти қайди 2734-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия - Тоҷикистон 21-уми июни соли 2010 ба Одинаев Тохир Кодирович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи КХ №72564 таҳти қайди 4008-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия- Тоҷикистон санаи 15- уми июли соли 2013 ба Хасанова Мунирахон Азамшоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО №0140281-и гумшуда, ки онро Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ба Бобоев Дилшод Гулмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ №072915- и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54- и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1999 ба Шарипов Ҷаҳонгир (ҳоло Ҳакимов Эшон Ҳасанович) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2007 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Оққӯрғон, деҳаи Коммунизм (ҳоло деҳаи Гулпарвар) ба Қурбонов Джалолиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0116698 таҳти рақами 5075-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 барои истифодаи якумра ба Қурбонов Ҷалолиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0345084 таҳти қайди 2254-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Варзоб 13-уми июли соли 2012 ба Сайфиев Фирдавс барои истифодаи бемуҳлат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии қитъаи замини № 23/2-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 21-уми апрели соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Сабзикор ба Мазориев Саидакрам додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди реестрии 1106-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Правда (ҳоло хиёбони С. Шерозӣ), бинои 20/5, ҳуҷраи 75 ба Абдуллоев Муртазоқул додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии дараҷаи А №0032052-и гумшуда, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо суроғаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Т. Очилов, бинои №40 ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши бинои анбори нигаҳдории сӯзишвории нафтӣ (Нефтобаза) ва нуқтаи фурӯши гази моеъи силсилаи СД № 0681830 таҳти қайди 4Г167-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Б. Ғафуров 8-уми сентябри соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Б. Ғафуров, шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Т. Очилов, бинои 40 ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0025771-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Б. Ғафуров 1-уми декабри соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Б. Ғафуров, шаҳраки Ғафуров, кӯчаи Т. Очилов, бинои №40 ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Спитамен бо суроғаи ноҳияи Спитамен, Ҷамоати шаҳраки Нов ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши бинои анбори нигаҳдории сӯзишвории нафтӣ (Нефтобаза) ва нуқтаи фурӯши гази моеъи силсилаи СД № 0735339 таҳти қайди 4Ғ-17 -и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Спитамен бо суроғаи ноҳияи Спитамен, Ҷамоати шаҳраки Навкат, кӯчаи Саидов, хонаи берақам 15-уми марти соли 2017 ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0465926-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Спитамен бо суроғаи ноҳияи Спитамен, Ҷамоати шаҳраки Нов 2-юми июли соли 2014 таҳти рақами 1758 ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Қайроққум (ҳоло Гулистон) барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи сӯзишвории гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Қайроққум (ҳоло Гулистон) бо суроғаи шаҳри Қайроққум, шоҳроҳи Хуҷанд - Спитамен ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Қайроққум (ҳоло Гулистон) барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии нуқтаи фурӯши сӯзишвории гумшуда, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Конибодом барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Конибодом барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи замини шаҳри Конибодом барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онҳоро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ғончӣ барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи фурӯши сӯзишвории гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ғончӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Ғончӣ барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии нуқтаи фурӯши сӯзишвории гумшуда, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Б. Ғафуров барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи хариду фурӯши нуқтаи фурӯши сӯзишвории гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Б. Ғафуров барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Б. Ғафуров барои нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ба ҶДММ «Корвон» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва Рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба ҶДММ «Иқлими Осиё» (РМА 020051608, РЯМ 0210026896) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 16-уми кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 4 ба Давлатов Қаландар додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо рақами инвентарии 16518-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор 21-уми декабри соли 2010 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Ғуриёт, хонаи б/р ба Нарзуллоева Гулдаста додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи ШМҲ № 0072518-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2004 ба Нажмутдинов Аҳлиддин Сайфиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №150885-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №59-и шаҳри Душанбе соли 1994 ба Бекова Зарангис Хушбахтовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0115839, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 12-уми августи соли 2010 ба Шадодов Алимурод Латифович (РЯМ 2030013719) додааст, бинобар вафоташ, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии №0027178-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2003 ба Зайниева Орзугул додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Роҳи маърифат», ки дорои шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 1810009704 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон 27-уми августи соли 2020 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Соҳиб С» (РЯМ 3310003116), ки 4-уми ноябри соли 2015 дар Нозироти андози ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 19 майи соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ҳ. Тоҳирӣ ва Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97